Замимаи 1
ба Стратегияи давлатии
рушди бозори меҳнати
Ҷумҳурии Тоҷикистон то
соли 2020

НАҚШАИ
ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ДАВЛАТИИ РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ТО СОЛИ 2020

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)

| Самти амалҳои сиёсат | Нишондиҳандаҳои ноилгардӣ ба натиҷаҳои сиёсат | Мӯҳлат-ҳои иҷро | Иҷрокун-андагони масъул | Дурнамои эҳтиёҷот ба маблағгу-зорӣ, бо ҳазор сомонӣ | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзалияти 1. Вусъатбахшии шуғли пурмаҳсул | | | | | |
| Вазифаи 1.1. Тағйир додани самти сиёсати иқтисодӣ ба ҷалби ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба соҳаи шуғли пурсамар ва қонунӣ дар бозори меҳнати дохилӣ | | | | | |
| 1.1.1. Ташаккул додани иқтидор барои мусоидат намудан дар таҳияи сиёсати макроиқтисодӣ ва сохтории асоснок | Воситаҳо барои дурнамои рушди макроиқтисодӣ ва сохторӣ таъсис дода шудаанд. Системаи дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат ҷорӣ карда шудааст. Омӯзонидани кормандон барои омодасозии пешниҳодҳо оид ба сиёсати макроиқтисодӣ ва сохторӣ ташкил карда шудааст. | 2012-2013 | ВРИС, ВМИҲИА, АО | 5,0 | |
| 1.1.2. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати маблағҳои буҷетӣ | Системаи муайян намудани афзалиятҳои буҷетӣ ва нишондиҳандаҳои натиҷанокӣ ва истифодаи натиҷаҳои ноилгардида дар банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати бозори меҳнат, инчунин барои банақшагирии буҷет ва назорати иҷрои буҷет ҷорӣ карда шудааст. Сиёсати давлатии молиявӣ вазъи демографиро ба инобат мегирад, зеро барои соҳаҳои маориф, шуғл ва тандурустӣ | 2011-2014 | ВМИол, ВМИҲИА, ВРИС | 11,3 | нишондиҳандаи 10 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | маблағҳои зиёд талаб карда мешавад. | | | | |
| 1.1.3. Ҳамгироии сиёсати шуғл дар сиёсати иқтисодии кишвар | Ба барномаҳои таҳияшавандаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳида чунин нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии барномаҳо, ба монанди миқдори ҷойҳои кории таъсисдодашаванда бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерӣ, эҳтиёҷот ба кадрҳо (маҳаллӣ ва хориҷӣ), миқдори зарурии мутахассисони омӯзонидашаванда вобаста ба сатҳ ва намудҳои таҳсилоти касбӣ, ҳаҷм ва манбаи маблағгузории тарбияи кадрҳо, ҷойҳои ташкили омӯзонидани кадрҳо дохил карда шудаанд.<br>Арзёбии дубораи ҳама барномаҳое, ки пештар қабул гардида буданд, бо асоснокии самаранокии онҳо аз нуқтаи назари шуғл ва вобаста кардан бо масъалаҳои тарбияи кадрҳои маҳаллӣ анҷом дода шудааст.<br>ВМИҲИА ташхиси иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои шуғли ҳамаи барномаҳои қабулшаванда ва амалишавандаи рушди иқтисодӣ, минтақавӣ, соҳавӣ, инчунин барномаҳои сармоягузориро таъмин менамояд.<br>Робитаи байни рушди шуғл ва вусъатбахшии бозорҳои фурӯш, хусусан содирот, бо роҳи ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои самаранокии шуғл ба сиёсати рушд ва тақвиятбахшии ҳамкории идораҳои давлатӣ оид ба рушди содирот ва шуғл таҳким бахшида шудааст. | 2014-2020 | ВРИС, ВМИҲИА, ВМИол, ВМИ, бо ҷалби ШИ | 35 000,0 | |
| 1.1.4. Дастгирии инноватсияҳо (навгониҳо) дар иқтисод | Сиёсати таъминкунандаи дастгирии инноватсияҳо дар иқтисод, ҷорӣ гардидани технологияҳои нав, истеҳсолоти илмталаб, истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва истеҳсолоте, ки коркарди ашёи хоми маҳаллиро таъмин мекунанд, таҳия ва ҷорӣ карда шудааст. | 12.2014 | ВРИС, КДСИАД, бо ҷалби ШИ | 28 000,0 | нишондиҳандаи 11 |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 1.1. пешбинишаванда: | | | | 63016.3 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазифаи 1.2. Ташаккул додани муҳити ҷолиби соҳибкорие, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат намояд | | | | | |
| 1.2.1. Беҳтарсозии муҳити соҳибкорие, ки ба рушди иқтисод ва | Корфармоён аз иҷрои вазифаҳои ба онҳо хос набуда, аз ҷумла пардохти нафақаҳо ва кӯмакпулиҳо озод карда | 01.2013-12.2020 | КДСИАД, ВРИС, ВМИол, | 34 685,8 | нишондиҳандаҳои 12 ва 13 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад | шудаанд.<br>Ҳар сол нақшаи бехтарсозии муҳити соҳибкорӣ якҷоя бо ташкилотҳои соҳибкорон ва сармоягузорон таҳия карда мешавад.<br>Монеаҳои маъмурӣ барои соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳои хурду миёна ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) камтар карда шудаанд.<br>Дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии моддии соҳибкороне, ки барои омӯзонидани кормандон маблағҳо ҷудо мекунанд, корхонаҳои хурду миёна таъсис медиҳанд ва соҳаҳои истеҳсолиро тараққӣ медиҳанд, ҷорӣ карда шудааст.<br>Заминаи институтсионалии шаффоф ва оммафаҳми соҳибкорӣ таъсис дода шудааст, шаклҳои соҳибкорӣ ба тартиб дароварда шудаанд.<br>Тартиби соддагардидаи бақайдгирии фаъолияти хоҷагидорӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ, ки ба принсипи "равзанаи ягона" асос ёфтааст, ҷорӣ карда шудааст, хароҷотҳо камтар карда шудаанд.<br>Дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорон манъ карда шудааст.<br>Соҳибкорон фаъолияти хоҷагидории худро дар шакле, ки ба фаъолияти онҳо мутобиқ мебошанд, ба расмиёт медароранд.<br>Хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон ҳангоми пешниҳод кардани ҳисоботҳо ба мақомоти андоз ва иттилооти оморӣ, пардохти андозҳо, бақайдгирии кормандон ва дигар намуди хизматрасонӣ рушд намудааст.<br>Чорабиниҳои дарозмӯҳлат оид ба иттилоотонии аҳолӣ аз аҳамият ва зарурати пешбурди тиҷорати худ ва рушди соҳибкорӣ таҳия ва татбиқ мегарданд. | | ВМИҲИА, КА, АСИН бо ҷалби ШИ, ВАО (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238) | | |
| 1.2.2. Такмилдиҳии идоракунии сиёсати андоз | Системаи пардохти андозҳо содда карда шудааст ва хавфи коррупсия бо роҳи ҷорӣ намудани тавсияи саҳеҳи меъёрҳои қонунҳо кам карда шудаанд.<br>Ҳангоми қабули тасҳеҳот ба Кодекси андоз мӯҳлатҳои воқеии эътибор пайдо кардани меъёрҳои нави қонунҳо | 12.2012 | ВМИол, ВРИС, ВМИҲИА, КА, АСИН | 8 315,8 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | муқаррар карда мешаванд.<br>Соҳибкорон бо иттилоот ва омӯзонидани тартиби пардохти андозҳо, барасмиятдарории ҳисоботҳо ва пешбурди баҳисобгирӣ таъмин карда шудаанд.<br>Феҳристи умумимиллии бақайдгирии андозсупорандагон такмил ёфта, дастрасии он ба мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ таъмин гардидааст.. | | бо ҷалби ШИ, ВАО (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238) | | |
| 1.2.3. Такмилдиҳии системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ | Вобастагии байни пардохти суғуртаи иҷтимоӣ ва маблағҳои аз суғуртаи иҷтимоӣ гирифташаванда муқаррар карда шудааст.<br>Тартиби пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ: хизматчиёни ҳарбӣ, модарон (падарон) ҳангоми рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак ва ғайра муқаррар карда шудааст.<br>Тартиби пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои шахсон ҳангоми гирифтани кӯмакпулӣ тибқи суғуртаи иҷтимоӣ (корношоямии муваққатӣ, ҳомиладорӣ, таваллуд ва бекорӣ) муқаррар карда шудааст.<br>Механизми индексатсияи пасандозҳои инфиродии суғуртаи иҷтимоӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудааст ва иттилоотонии доимии иштироккунандагони системаи суғуртаи иҷтимоӣ таъмин карда шудааст.<br>Имконияти ҳамроҳшавии ихтиёрӣ ба системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, аз ҷумла ба суғуртаи нафақа, барои шахсоне, ки таҳти суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ қарор дода намешаванд, аз он ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ таъмин карда шудааст. | 12.2013 | АСИН, ВМИол, ВРИС, КА (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238) | Ниг. ба банди 3.1.3. | Нишондиҳандаҳои 14 ва 15 |
| | Тибқи санадҳои меъёри ҳуқуқӣ тақсимкунии меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғурта муайян карда шудааст:<br>- пардохтҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ;<br>- пардохтҳои нафақа;<br>- пардохтҳо барои суғуртакунӣ аз бекорӣ. | 12.2011 | АСИН, ВМИол, КА (қарори ҲҶТ аз | Ниг. ба банди 3.1.3. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Барои ҳар як намуди суғуртаи иҷтимоӣ буҷетҳои алоҳидаи махсус бо даромадҳо ва хароҷотҳои алоҳида ташкил карда шудаанд.<br>Феҳристи умумимиллии баҳисобгирии шахсони дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ суғурташуда таъсис дода шудааст. | | 27.04.2015 № 238) | | |
| 1.2.4. Ҳавасмандгардонии иштирок дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ | Меъёрҳои пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ (ҳаҷми умумиашонро паст накарда) байни кормандон ва корфармоён аз нав тақсим карда шудаанд, ҳиссаи корфармо кам карда шудааст.<br>Меъёрҳои тафриқаноки пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои категорияҳои гуногуни андозсупорандагон муқаррар карда шудаанд.<br>Иттилоотонии иштироккунандагони системаи суғуртаи иҷтимоӣ оид ба пардохти пардохтҳои суғуртавӣ беҳтар карда шудааст. | 12.2014 - 2020 | ВМИҲИА, ВМИол, ВРИС, КА, КДСИАД, бо ҷалби ШИ | 555,8 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 1.2. пешбинишаванда: | | | | 43 557,3 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Афзалияти 1 пешбинишаванда: | | | | 106 573,6 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзалияти 2. Ташаккулдиҳии бозори меҳнати фасеҳ ва барои ҳама дастрас | | | | | |
| Вазифаи 2.1. Истифодаи механизми ташаккулдиҳии пардохти музди меҳнат барои батанзимдарории бозори меҳнат | | | | | |
| 2.1.1. Истифодаи музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашавандаи андоз аз даромад ҳамчун воситаи воқеӣ барои таъмини даромади кафолатноки шахсони коргар | Дар сатҳи қонунгузорӣ тартиби таҷдиди назар намудани музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашавандаи андоз аз даромад бо вобастакунӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси рушди иқтисодӣ ҷорӣ карда шудааст.<br>Ҳар сол музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашавандаи андоз аз даромад бо вобастакунӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ таҷдиди назар карда мешавад. | 12.2011. | ВМИҲИА, ВМИол, бо ҷалби ШИ | Варианти 1: 131 190,5<br><br>Варианти 2: 482 995,0 | нишондиҳандаҳои 16,17 ва18 |
| 2.1.2. Ҳалли мушкилоти қарздории доимӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат | Инвентаризатсияи қарздорӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат гузаронида шудааст.<br>Муоина ва назорати ташаккулёбии қарздорӣ аз рӯи | 01.2013 | ВМИҲИА, КА, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгузории ҷории иҷрокуна- | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | пардохти музди меҳнат муқаррар карда шудааст, барои коргарон имконияти фавран хабар додан/шикоят кардан аз напардохтани музди меҳнат фароҳам оварда шудааст.<br>Тартиби пардохти ҳатмии ҳармоҳаи музди меҳнат муайян карда шудааст. | | | ндагон | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 2.1. пешбинишаванда: | | | | Варианти 1: 131190,5<br>Варианти 2: 482995,0 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазифаи 2.2. Тағйир додани самти таҳсилот барои дастгирӣ намудани ислоҳоти сохторӣ дар иқтисод | | | | | |
| 2.2.1. Таъмини дастрасӣ барои аҳолӣ ба таҳсил дар тӯли тамоми ҳаёт | Дар қонунгузорӣ оид ба маориф принсипи "Омӯзиш дар тӯли тамоми ҳаёт", ки дастрасии таҳсилотро барои ҳама, сарфи назар аз синну сол, ҷинс, таҳсилоти пештара, маҳалли истиқомат, сатҳи даромадҳо ва нуқсонҳои функсионалӣ (ҷисмонӣ) таъмин мекунад, ҷорӣ карда шудааст.<br>Шаклҳои гуногуни таҳсил (аз ҷумла фосилавӣ, ғоибона, шабона, таҳсил дар курсҳои кӯтоҳмуддат, таҳсили ғайрирасмӣ ва ғайра), дорои мундариҷа ва давомнокии гуногун, дар ҳама минтақаҳо дастрас, ки идомадиҳии таҳсилро таъмин менамоянд, ташкил карда шудаанд.<br>Идораҳои масъул барои пешбурди таҳсил дар тӯли тамоми ҳаёт муайян карда шудаанд. | 12.2013 | ВМИ, ВМИҲИА<br>,<br>ВРИС,<br>бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | Нишондиҳандаи 19 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.2.2. Вусъатбахшии фасеҳии таҳсилот | Эҳтиёҷоти бозори меҳнат муайян карда мешавад ва барномаҳои омӯзишие, ки салоҳият ва малакаҳои заруриро таъмин мекунанд, таъсис дода мешаванд.<br>Имконияти эътироф намудани донишу малакаҳое, ки дар доираи таҳсили ғайрирасмӣ ба даст оварда шудаанд, муҳайё карда шудааст.<br>Тартиби иштироки бахши хусусӣ дар таъмини таҳсилот дар тамоми зинаҳо таҳия гардидааст. | Доимӣ, аз 12.2013 сар карда | ВМИ, ВМИҲИА, бо ҷалби ШИ, Бахши хусусӣ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | Нишондиҳандаҳои 20 ва 21 |
| 2.2.3. Омодасозии ҷавонон барои гузариш аз таҳсил ба меҳнат | Ба барномаи мактаби миёнаи асосӣ ворид намудани масъалаҳои омодасозӣ барои баромадан ба бозори меҳнат, шиносшавӣ бо асосҳои тиҷорат, баланд бардоштани сатҳи саводнокии функсионалӣ ва инкишоф додани фикррونии мантиқӣ дохил карда шудааст.<br>Дар мактаби миёнаи асосӣ масъалаҳои роҳнамои касбӣ ва касбомӯзонӣ ҷорӣ карда шудаанд. | 2012-2014 | ВМИ, ВМИҲИА | 331,5 | |
| 2.2.4. Тағйир додани самти таҳсилоти касбӣ ба эҳтиёҷоти бозори меҳнат | Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корфармоён дар таҳияи стандартҳои касбӣ, барномаҳои таълимӣ, ташкили таҷрибаомӯзии донишомӯзон, баҳодиҳии донишҳои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҳамкорӣ мекунанд.<br>Дар ҳама марҳилаҳои таҳсилоти касбӣ омӯзонидани малакаҳои соҳибкорӣ дохил карда шудаанд.<br>Талабот нисбати омӯзонидани кормандоне, ки дар ихтисосҳои вобаста ба хизматрасонии истеъмолгарон кор мекунанд, ба монанди кормандони соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, ҳамлу нақли мусофирон, соҳаи хизматрасонӣ, инчунин роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони навтаҷриба муқаррар ва ҷорӣ карда шудаанд. | 12.2013 - 2020 | ВМИ, ВМИол, ВМИҲИА, ВРИС, бо ҷалби ШИ | 140,0 | нишондиҳандаҳои 22 ва 23 |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 2.2. пешбинишаванда: | | | | 471,5 | |

| Вазифаи 2.3. Такмилдиҳии қонунгузорие, ки муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медарорад | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.3.1. Такмилдиҳии қонунгузории меҳнат бо дарназардошти шаклҳои мухталифи шуғл | Мафҳумҳои соҳаи меҳнат, шуғл ва бозори меҳнат дар қисмати муайян намудани ҳадди дақиқ байни мақомотҳои мухталиф дар бозори меҳнат аниқ карда шудаанд.<br>Шаклҳои қонунии муносибатҳои меҳнатӣ муайян карда шудаанд ва қонунгузорӣ такмил дода шудааст.<br>Классификатори касбҳо/шуғлҳо тибқи стандартҳои ТБМ таҳия ва ҷорӣ карда шудааст.<br>Ба қонунгузории меҳнат тасҳеҳот дар қисмати барасмиятдарории ҳатмии хаттии муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳама шаклҳои шуғл ворид карда шудаанд. | 12.2014 | ВМИҲИА, ВРИС, ВМИол, КА, бо ҷалби ШИ | 25,5 | Нишондиҳандаи 24 |
| 2.3.2. Рушди муносибатҳои меҳнатӣ | Ба қонунгузории меҳнат тасҳеҳот дар қисмати баланд бардоштани фасеҳияти бозори меҳнат ва мутобиқсозии он ба шароити воқеӣ ворид карда шудаанд.<br>Якҷоя бо шарикони иҷтимоӣ (ШИ) мунтазам омӯзонданӣ ва иттилоотонии корфармоён ва коргарон оид ба меъёрҳои қонунгузори меҳнат ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба мусоидат ба шуғл, идоракунии захираҳои инсонӣ доир карда мешавад.<br>Шаклҳои ҳисоботи оморӣ барои доир намудани таҳлили мунтазами муносибатҳои меҳнатӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд. | 12.2013-2020 | ВМИҲИА, АО, бо ҷалби ШИ | 555,8 | Нишондиҳандаҳои 25, 26, 27, 28 ва 29 |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 2.3 пешбинишаванда: | | | | 581,3 | |

| Вазифаи 2.4. Марҳила ба марҳила кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2.4.1. Таҳия намудани Барномаи давлатӣ оид ба кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ | Сиёсати давлат оид ба паст намудани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ муайян карда шудааст.<br>Шартномаҳои меҳнатӣ танҳо дар шакли хаттӣ баста мешаванд.<br>Ҷавобгарии қатъитари маъмурӣ ва ҷиноятии корфармоён барои риоя накардани қонунгузории меҳнат амал мекунад.<br>Чорабиниҳои махсус барои сабук намудани назорат ва таҳлили шуғл дар соҳаҳои дорои хавфи бештари шуғли ба | 12.2012 - 2020 | ВМИҲИА, ВРИС, ВМИол, КА, бо ҷалби ШИ | 3194,1 | Нишондиҳандаҳои 30, 31 ва 32 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | қайд гирифтанашуда таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд.<br>Ҷомеа аз таъсири манфии шуғли ба қайд гирифтанашуда иттилоотонида шудааст. | | | | |
| 2.4.2. Таҷдиди назар намудани бархурдҳо нисбати ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мавқеи қонунигардонии шуғл дар онҳо | Меъёрҳо оид ба бақайдгирии ҳатмии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вобаста ба хислат ва андоза ҷорӣ гардидаанд.<br>Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории меҳнат системаи муносибатҳои меҳнатӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шудааст, баҳисобгирии шуғлдоштагон ва ҳаракати қувваи корӣ дар онҳо ба роҳ монда мешавад. | 12.2013 | ВМИҲИА, ВРИС, ВМИол, КА, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгузории ҷории иҷрокунандагон | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 2.4. пешбинишаванда: | | | | 3 194,1 | |

<table>
<tr><td colspan="6">Вазифаи 2.5. Вусъатбахшии ҷалбкунии иҷтимоии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор мондаи аҳолӣ</td></tr>
<tr><td>2.5.1. Ташаккулдиҳии системаи ҳамгироии иҷтимоӣ</td><td>Тадқиқотҳо оид ба масъалаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канормонӣ ва камбизоатӣ мунтазам гузаронида мешаванд.<br>Гурӯҳҳои аҳолии тахти хавфи дарканормонии иҷтимоӣ қарордошта, ки барои онҳо дастгирӣ ба нақша гирифта мешавад, муайян карда шудаанд.<br>Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВТҲИА таъсис дода шудааст (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238).<br>.<br>Хизматрасониҳои омӯзонидани иловагӣ барои ҷавонон, бекорон ва корҷӯён аз фанҳои таълимие, ки барои идома додани таҳсил ва гирифтани касб (бартараф намудани камбудиҳои донишҳои пештара) зарур мебошанд, ташкил карда шудаанд.<br>Барои саводомӯзии шахсони савод надоштаи синни аз 15-сола боло ва ҳамгироии онҳо дар бозори меҳнат имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд.<br>Барои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзонӣ ва такмили ихтисоси занони маъюб, модарони кӯдакони маъюб, заноне, ки кӯдакони хурдсол доранд, шароит муҳайё карда шудааст.</td><td>12.2013 - 2019</td><td>ВТХДА ВМИҲИА , ВМИ, бо ҷалби ТҒД (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238)</td><td>9 120,0</td><td>Нишондиҳандаҳои 33, 34, 35 ва 36</td></tr>
<tr><td>2.5.2. Аз нав баррасӣ намудани квотакунонии ҷойҳои корӣ барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ</td><td>Барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҷойҳои кории махсус таъсис дода мешаванд.<br>Дастгирии корфамоёне, ки барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд, ҷорӣ карда шудааст.</td><td>Аз 01.2016 сар карда</td><td>ВМИҲИА , ВМИол, КА, бо ҷалби ТҒД</td><td>14 180,4</td><td>Нишондиҳандаи 37</td></tr>
<tr><td>2.5.3. Вусъатбахшии имкониятҳо барои занон ҷиҳати якҷоя кардани кори оилавӣ ва фаъолияти меҳнатӣ</td><td>Шабакаи муассисаҳои томактабӣ рушд дода шудааст, имкониятҳои таҳсили иловагии кӯдакон фароҳам оварда шудаанд, имкониятҳои рӯзи давомдор дар мактабҳо барои таъмини нигоҳубини кӯдакон вусъат бахшида шудаанд.<br>Шабакаи марказҳои офиятбахшӣ барои кӯдакони маъюб, барои баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии волидони онҳо, дар навбати аввал модарони онҳо инкишоф ёфтааст.</td><td>Мунтазам то 12.2020</td><td>ВМИ, ВМИҲИА , ВРИС</td><td>Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон</td><td>Нишондиҳандаҳои 38 ва 39</td></tr>
</table>

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 2.5. пешбинишаванда: | | | | 23 300,4 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Афзалияти 2 пешбинишаванда: | | | | Версияи 1: 158 737,7<br><br>Версияи 2: 510 542,2 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзалияти 3. Такмилдиҳии танзими бозори меҳнат | | | | | |
| Вазифаи 3.1. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии бозори меҳнат | | | | | |
| 3.1.1. Такмилдиҳии қонунгузорӣ оид ба шуғл | Қонунгузорӣ оид ба шуғл аз нуқтаи назари нигоҳ доштани танҳо он меъёрҳое, ки иҷрошавандаанд, мутобиқ гардонида шудааст.<br>Ҷудокунии дақиқи функсияҳо байни таҳиягарони сиёсат ва мақомоти татбиққунандаи он ҷорӣ карда шудааст.<br>Қонунгузорӣ барои ҷалби бахши хусусӣ ба мусоидат намудан ба шуғл, таҳия гардидааст, агентиҳои хусусии шуғл рушд меёбанд.<br>Бархурдҳои нав дар сиёсати давлатӣ оид ба тақсимот ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, масъалаҳои кучонидани ихтиёрӣ ва муҳоҷирати экологӣ ба сиёсати шуғл ҳамроҳ карда шудаанд. | 12.2012 - 2020 | ВМИҲИА , ВМИол, ВРИС | 90 000,0 | Нишондиҳандаи 40 |
| 3.1.2. Таҷдиди назар намудани принсипҳои ташкили кори ХДША ва баланд бардоштани самаранокии кори он | Аз зиммаи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (минбаъд ММША) масъалаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ хориҷ карда шуда, ба зиммаи Агентии нави ҳамгироии иҷтимоӣ вогузор карда шудаанд (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238).<br>Кори ХДША ба эҳтиёҷоти бекорон нигаронида шудааст, принсипи "Рӯ ба мизоҷ" ҷорӣ карда шудааст, дастурамалҳои дахлдор таҳия гардидаанд, омӯзонидани кормандон ташкил карда шудааст.<br>Самаранокии кори ММША бо дарназардошти фикру ақидаҳои истифодабарандагони хизматрасонии он мунтазам арзёбӣ карда мешавад, мониторинги доимӣ ҷорӣ карда мешавад. | 2011-2020 | ВТХДА ВМИҲИА , ВМИол, мақомоти маҳалли ҳокимият и давлатӣ, бо ҷалби ШИ, ТҒД (қарори ҲҶТ аз 27.04.20 | Версияи 1: 429 409,0<br><br>Версияи 2: 486 514,0 | Нишондиҳандаҳои 41, 42, 43 ва 44 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Меъёрҳое, ки қоунунгузорӣ оид ба шуғл барои бекорон пешбинӣ намудааст, бо маблағгузорӣ таъмин карда мешаванд.<br>Банақшагирии стратегии фаъолияти ХДША ва мақомоти маҳаллии он ҷорӣ карда шудааст.<br>Омӯзонидани кормандони мақомоти ХДША дар маҳалҳо оид ба банақшагирии стратегӣ ташкил карда шудааст.<br>Номгӯи хизматрасониҳои ХДША васеъ карда мешавад ва бо дарназардошти эҳтиёҷоти мизоҷони он ва мусоидати бештар ба шуғл нав карда мешавад.<br>Чорабиниҳо оид ба пешгирии бекорӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд.<br>Хизматрасонии электронӣ барои мизоҷони ХДША ташкил карда шудаанд.<br>Регистри баҳисобгирии бекороне, ки дар ХДША ба қайд гирифта шудаанд, таъсис дода шудааст. | | 15 №<br>238) | | |
| 3.1.3. Навсозӣ ва таҷҳизонии техникии мақомоти меҳнат ва шуғл | Кори мақомоти меҳнат ва шуғл (ВММША ва сохтоҳои зертобеи дахлдори он) бо истифодаи имкониятҳои техникии муосир ташкил карда шудааст (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238).<br>Фазои ягона ва фаъоли иттилоотӣ оид ба пешниҳод ва талабот ба қувваи корӣ ташкил карда шудааст.<br>Фазои ягона ва фаъоли иттилоотӣ оид ба мубодилаи маълумотҳо байни сохторҳои мухталиф оид ба меҳнат ва шуғл, инчунин бо дигар идораҳои манфиатдор (кумитаи андоз, системаи маориф, ВРИС ва ғайра) ташкил карда шудааст. | Марҳила ба марҳила то 12.2020 | ВМИҲИА , ВМИол, ВРИС, КА | 61 842,3 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 3.1. пешбинишаванда: | | | | Версияи 1: 581 251,3<br><br>Версияи 2: 638 356,3 | |

| |
|---|
| Вазифаи 3.2. Ташаккулдиҳии системаи таҳлил ваояндабинии бозори меҳнат, таҳкими омори меҳнат |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3.2.1. Таъсис додани системаи дурнамои бозори меҳнат ва истифодаи пешгӯиҳо | Идораҳои барои ояндабинии миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат масъулбуда муайян карда шудаанд.<br>Омӯзонидани кормандон бо усулҳои истифодабарӣ ва таҳияи дурнамоҳои эҳтиёҷот ба қувваи корӣ ва тартибдиҳии ҳисоботҳо ташкил карда шудааст. | 2013-2015 | ВРИС, ВМИол, ВМИҲИА | 1 065,0 | |
| | Системаи дурнамои кӯтоҳмӯҳлати бозори меҳнат дар фаъолияти ХДША таҳия ва ҷорӣ карда шудааст.<br>Дар ВМИҲИА воҳиди сохтории масъули таҳияи дурнамои демографӣ ва банақшагирии захираҳои инсонӣ таъсис дода шудааст. | 12.2011 - 2020 | ВМИҲИА, ВМИол, ВРИС | 512,1 | Нишондиҳандаи 45 |
| | ХДША ҳар сол пурсиши корфармоёнро оид ба эҳтиёҷот ба кормандон ва касбҳои зарурӣ доир менамояд ва таҳлили эҳтиёҷот дар бозори меҳнатро нашр менамояд.<br>Барномаи омӯзонидани корҷӯён ва бекорон, инчунин интихоби донишомӯзон барои системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, дар асоси натиҷаҳои ояндабинии эҳтиёҷоти бозори меҳнат ташаккул ва тасҳеҳ карда мешаванд. | Аз 01.2012 сар карда, доимӣ | ВМИҲИА, ВМИол, бо ҷалби ИКҶТ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| 3.2.2. Такмилдиҳии баҳисобгирии омории шуғл | Баҳисобгирии омории ҳама шаклҳои шуғле, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ҷорӣ карда шудааст.<br>Омори шуғл бо омори андозбандӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ мунтазам муқоиса карда мешавад. | 12,2013 | АО, ВРИС, ВМИҲИА, КА | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| 3.2.3. Ҷорӣ намудани ТЌК-и мунтазам | Ҳар сол ТЌК бо фарогирии ҳатмии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳсили калонсолон доир карда мешаванд. | Аз соли 2014 сар карда, ҳар сол | АО, ВМИҲИА, ВРИС, ВМИол | 3 150,0 | |
| Ҳамагӣ харочоти барои Вазифаи 3.2. пешбинишаванда: | | | | 4 727,1 | |

| Вазифаи 3.3. Такмилдиҳии системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3.3.1. Ҷорӣ намудани бархурдҳои нав дар системаи ҳифзи меҳнат, | Консепсияи сохтори нави миллии бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, аз он ҷумла барномаи миллии ҳифзи меҳнат таҳия | 2012-2020 | ВММША, АСИН, бо ҷалби ШИ | 908,6 | Нишондиҳандаҳои 46 и 47 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ки ба стандартҳои байналмилалӣ асос ёфтаанд | шуда, қонунгузорӣ дар асоси стандартҳои ТБМ оид ба ҳифз ва бехатарии меҳнат такмил дода шудааст.<br>Намуди нави суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ – суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор ва бемориҳои касбӣ ҷорӣ карда шудааст.<br>Иттилоотонии доимии корфармоён ва кормандон оид ба ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат доир карда мешавад.<br>Дар Муассисаи давлатии "Пажӯҳигоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" сохтори илмӣ оид ба ҳифзи меҳнат таъсис дода шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).<br>Чорабиниҳои ҳавасмандгардонии андозии истеҳсолкунандагони воситаҳои муҳофизати инфиродӣ муайян карда шудаанд. | | (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238) | | |
| 3.3.2. Таҳкими иқтидорҳои нозироти ҳифзи меҳнат | Ба зиммаи нозироти ҳифзи меҳнат танҳо функсияҳои назорат ва тафтиши давлатӣ, иҷрои қонунгузорӣ оид ба меҳнат, оид ба ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат, паст кардани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда ва истифодаи меҳнати кӯдакон вогузор карда шудаанд.<br>Масъалаҳои назорати таъиноти нафақаҳо ба мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ супурда шудаанд.<br>Иқтидорҳои нозирот бо роҳи ташкил намудани омӯзонидани кормандон ва такмили ихтисоси онҳо ва таҷҳизонидани техникӣ таҳким бахшида шудаанд.<br>Миқдори тадқиқотҳо ва боздидҳо аз корхонаҳои дорои хавфи баланди шуғли ба қайд гирифтанашуда буда, инчунин корхонаҳое, ки меъёрҳои ҳифзи меҳнатро вайрон мекунанд ва меҳнати кӯдаконро истифода менамоянд, зиёд карда шудааст.<br>Амалияи санҷишҳои мунтазами корхонаҳо оид ба ошкор намудани далелҳои вайронкунии қонунгузории меҳнат нисбати занон ва ҷавонони то 18-сола, инчунин далелҳои табъиз бо нишонаи ҷинс ва синну сол ҷорӣ карда шудааст.<br>Қоидаҳои ҳисоботдиҳии дастраси нозироти меҳнат оид ба | 2015 | ВММША, АСИН ВМИол (қарори ҲҶТ аз 27.04.2015 № 238) | Аз ҳисоби маблағгузории ҷории иҷрокунандагон | Нишондиҳандаҳои 48 и 49 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | натиҷаҳои фаъолияти худ таҳия карда шудаанд. | | | | |
| 3.3.3. Фаъолноксозии фаъолият оиди аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон | Идораи давлатие, ки барои ҳалли проблемаҳои меҳнати кӯдакон масъул мебошад, муайян карда шудааст.<br>Нақшаи миллии амалиёт оиди аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон таҳия гардидааст. | 12.2012 | ВМИҲИА, ВМИол, ВРИС, ВМИ, бо ҷалби ШИ, ТҒД | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 3.3. пешбинишаванда: | | | | 908,6 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазифаи 3.4. Ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ | | | | | |
| 3.4.1. Такмилдиҳии қонунгузорӣ оид ба шуғл ва муҳоҷират дар масъалаҳои ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ | Принсипе ҷорӣ карда шудааст, ки ҷойҳои кории холӣ ба воситаи ХДША ба қувваи кории маҳаллӣ пешниҳод карда мешаванд ва танҳо дар сурати талабот надоштани онҳо барои ҷалб намудани танҳо кормандони баландихтисоси хориҷӣ иҷозат дода мешавад.<br>Меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон танҳо дар асоси шахси ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд. | 12.2011 | ВМИҲИА, | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | Нишондиҳандаи 50 |
| 3.4.2. Муайян намудани меъёрҳо оид ба ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ | Меъёри ҳатмии забони давлатиро омӯхтани шаҳрвандони хориҷӣ, барои чунин соҳаҳои шуғл, ба монанди савдо ва хизматрасонӣ, тиб, педагогика ва дигар соҳаҳое, ки бо кор бо истеъмолгарон алоқамананд, ҷорӣ карда шудааст.<br>Шабакаи гуногуншохаи курсҳои кӯтоҳмуддати пулакии омӯзиши забони давлатӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва аҳолии Тоҷикистон, ки забони давлатиро дар сатҳи кофӣ намедонанд, инчунин арзёбии донишҳои забонии ба забони давлатӣ гирифташуда ташкил карда шудааст.<br>Меъёрии ҳатмии ба забони давлатӣ тавзеҳот доштани тамоми молҳои истифодаи умумӣ ба Тоҷикистон воридшаванда ҷорӣ карда шудааст. | 12.2012 | ВМИ, ВМИҲИА, | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 3.4. пешбинишаванда: | | | | - | |

| |
|---|
| Вазифаи 3.5. Баланд бардоштани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди бозори меҳнат |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 3.5.1. Таъмин намудани иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл дар сатҳи минтақавӣ | Ба қонунгузорӣ оид ба шуғл дар қисмати баланд бардоштани сатҳи иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл ва ҳалли проблемаҳои шуғл дар сатҳи минтақавӣ тағйирот ворид карда шудаанд.<br>Маводҳои таълимӣ ва иттилоотӣ оид ба масъалаҳои иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл дар сатҳи минтақавӣ таҳия карда шудаанд.<br>Дар сатҳи маҳаллӣ барои таҳияи барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл кӯмаки методӣ расонида шудааст.<br>Дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонкурсҳо оид ба омӯзонидани кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба масъалаҳои рушди бозори меҳнат ва иштирок дар ташаккулдиҳии сиёсати шуғл таъсис дода шудаанд. | 2011-2020 | ВМИҲИА, ДИДПҶТ, ВМИ | 10,0 | Нишондиҳандаи 51 |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 3.5. пешбинишаванда: | | | | 10,0 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Афзалияти 3 пешбинишаванда: | | | | Версияи 1: 586 897,0<br><br>Версия 2: 644 002,0 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзалияти 4. Рушди шарикии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат | | | | | |
| Вазифаи 4.1. Баланд бардоштани нақши шарикони иҷтимоӣ дар рушди бозори меҳнат | | | | | |
| 4.1.1. Таъмин намудани иҷрои созишномаҳои генералӣ | Принсипи баҳисобгирии ҳатмии фикру мулоҳизаҳои комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ҳангоми баррасии лоиҳаҳои қонунҳо ва барномаҳо аз ҷониби Ҳукумат ҷорӣ карда шудааст.<br>Ҷаласаҳои комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар сатҳи миллӣ мунтазам доир карда мешаванд.<br>Масъалаи таъсиси шӯъбаи (ё бахши) рушди шарикии иҷтимоӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии | 2012 | ҲҶТ, ВМИҲИА, бо ҷалби ФИКМТ, ИКҶТ | 512,1 | Нишондиҳандаи 52 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон баррасӣ шудааст, ки вазифаи котибот оид ба ташкили фаъолияти комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро иҷро кунад, кор бо шариконии иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои касбӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро таъмин менамояд. | | | | |
| 4.1.2. Ҷорӣ намудани принсипи шарикии иҷтимоӣ оид ба ҳалли масъалаҳои шуғл | Кори Кумитаи ҷумҳуриявии сеҷонибаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ташкил карда шудааст, ҳайати он бо дарназардошти талаботи иштироки баробари ҳамаи се тарафҳо таҷдиди назар карда шудааст.<br>Кори кумитаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва ҷорӣ намудани механизми ротатсияи раисон дар онҳо таҷдиди назар карда шудааст. | 2011 | ВМИҲИА, ВРИС, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгузории ҷории иҷрокунандагон | |
| 4.1.3. Тақвиятбахшии иқтидорҳои шарикони сеҷониба | Шарикони иҷтимоӣ сатҳи огоҳиашонро баланд бардоштаанд.<br>Шўъбаи рушди шарикии иҷтимоӣ дар ҳайати ВМИҲИА мунтазам ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии корҳо оид ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат машғул аст.<br>Омўзондан ва иттилоотонии доимии мақомоти назоратӣ ва ташкилотҳои шарикони иҷтимоӣ дар таъмини муколамаи иҷтимоӣ ташкил карда шудааст.<br>Сатҳи огоҳӣ ва омўзонидани шарикони иҷтимоӣ оид ба шаклҳо ва афзалиятҳои муколамаи иҷтимоӣ, ташкили машваратҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ, иштироки кормандон дар шартномаҳои коллективӣ ва коммуникатсияҳо дар дохили корхона баланд бардошта шудааст.<br>Шарикони иҷтимоӣ имконият доранд бо афзалиятҳои ҷалб шудан ва иштироки коргарон – ҳамчун қадаме ба сўи муносибатҳои меҳнатӣ шинос шаванд.<br>Шарикони иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои касбӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ иттилооти мухталифро оид ба масъалаҳои меҳнат таҳия намудаанд ва аз тариқи воситаҳои мухталиф паҳн мекунанд. Марказҳои иттилоотии Шарикони иҷтимоӣ кор мекунанд.<br>Муқаррарот оид ба шартномаҳои коллективӣ ҷорӣ карда шудааст ва механизми пешбурди баҳисобгирии | 2012 | ВМИҲИА, ВРИС, бо ҷалби ШИ | 10,0 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | шартномаҳои коллективӣ таъсис дода шудааст.<br>Регистри баҳисобгирии шартномаҳои коллективӣ таъсис дода шудааст. | | | | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 4.1. пешбинишаванда: | | | | 522,1 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Вазифаи 4.2. Ҷалби ҳарчи васеътари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат | | | | | |
| 4.2.1. Иттилоотонии аҳолӣ дар бораи вазъ дар бозори меҳнат ва дар бораи чорабиниҳои амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ | ХДША мунтазам аҳолиро дар бораи вазъ дар бозори меҳнат ва тадбирҳои андешидашаванда хабардор месозад.<br>Ҳар сол ҳисобот оид ба вазъ дар бозори меҳнати Тоҷикистон бо тафриқакунии ҳатмии гендерии нишондиҳандаҳо оид ба масъалаҳои бекорӣ ва омӯзонидан нашр карда мешаванд. | 2011-2020 | ВМИҲИА | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| 4.2.2. Баланд бардоштани сатҳи ҳисоботдиҳии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар назди ҷомеа | Дар амалияи кори мақомоти ҳокимияти иҷроия принсипи ташкили иттилоотонии ҷомеа оид ба лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои нав, интишори ҳисоботҳои мақомоти давлатии сатҳҳои мухталиф дар назди ҷомеа оид ба кори анҷомдодашуда, оид ба сиёсати амалишаванда ва оид ба нақшаҳо дар оянда ҷорӣ карда шудааст.<br>Механизми ҷамъоварии афкори умум оид ба сиёсати дар бозори меҳнат амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ ҷорӣ гардидааст. | 2012-2020 | ДИПҶТ, ВМИМШ А, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Вазифаи 4.2. пешбинишаванда: | | | | - | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои Афзалияти 4 пешбинишаванда: | | | | 522,1 | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Мониторинги татбиқи Стратегия | | | | | |
| 1. Ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия | Шӯрои Роҳбарикунанда барои таъмини назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳо таъсис дода шудааст.<br>Гурӯҳи кории машваратӣ барои омодасозии маводҳо оид ба чараёни иҷрои Стратегия, омодасозии пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ё иловаҳо ба Стратегия, омодасозии дархост барои маблағҳои буҷети давлатӣ, омодасозии ҳисоботи иттилоотӣ барои баррасӣ дар Ҳукумат таъсис дода шудааст. | 06.2011 | ВМИҲИА, ҳамаи идораҳои ҷалбшуда, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| 2. Ташкил намудани ҷамъоварии маълумотҳо | Вазорату идораҳои масъул ба ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ намудан ва назорати иҷрои Стратегия - ( Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ) дар бораи ҷараёни иҷрои Стратегия иттилоот пешниҳод мекунанд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238). | Ҳар сол | Ҳамаи идораҳои ҷалбшуда, бо ҷалби ШИ | Аз ҳисоби маблағгу-зории ҷории иҷрокуна-ндагон | |
| 3. Таҳия намудани ҳисоботҳо оид ба иҷрои Стратегия | Гурӯҳи кории машваратӣ омодасозии ҳисоботи фосилавии иҷрои Стратегияро баъди 5 соли татбиқи Стратегия (баъди соли 2015) ташкил менамояд.<br>Гурӯҳи кории машваратӣ омодасозии ҳисоботи хотимавии иҷрои Стратегияро баъди татбиқи Стратегия дар охири соли 2020 ташкил менамояд.<br>Ду тадқиқот барои арзёбии иҷрои Стратегия ва омодасозии ҳисоботи фосилавӣ ва ҳисоботи хотимавӣ ташкил карда шудаанд. | 06.2016<br><br>12.2020 | Гурӯҳи кории машваратӣ | 80,0 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои мониторинг пешбинишаванда: | | | | 80,0 | |
| Ҳамагӣ хароҷоти барои татбиқи Стратегия пешбинишаванда: | | | | Версияи 1: 852 810,4<br><br>Версияи 2: 1 261 719,9 | |

Замимаи 2
ба Стратегияи давлатии рущди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

# НАТИҶАҲОИ СИЁСАТ, НАТИҶАҲОИ АМАЛҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ САМАРАБАХШӢ

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)

Марҳилаҳои татбиқи Стратегия:
1. Таҳия ва такмили қонунгузорӣ то соли 2013;
2. Таҳия намудани воситаҳои зарурии дастгирии ташаккулдиҳӣ ва таҳлили сиёсат то соли 2015;
3. Сармоягузорӣ намудан дар навсозии сохторҳое, ки барои сиёсати меҳнат масъул мебошанд то соли 2016;
4. Пешбурди ислоҳоти мақсаднок, паст намудани шуғли ба қайд гирифтанашуда, фаъолсозии қисми ғайрифаъоли аҳолии қобили меҳнат то соли 2020.

<table>
<tr><td colspan="3">Натиҷаи умумии ҷорӣ гардидани Стратегия:<br>- вазъи иҷтимоию иқтисодӣ беҳтар гардидааст;<br>- фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва сатҳи шуғл баланд гардидааст;<br>- ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда кам гардидааст;<br>- фасеҳии ҳимояи бозори меҳнат бештар гардид;<br>- воситаҳои дастгирии таҳия ва таҳлили сиёсат ва манбаъҳои маълумоти иттилоотӣ (феҳристҳо) таъсис дода шуданд;<br>- чорабиниҳои фаъоли шуғл барои гурӯҳҳои мухталифи мақсаднок вусъат бахшида шуданд, чорабиниҳои эҳтиётии ихтисори бекорӣ ҷорӣ карда шудаанд;<br>- сохторҳои масъули таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати меҳнат, инчунин назорати риояи он такмил дода шуданд;<br>- нақши шарикии иҷтимоӣ баланд гардид ва ҷомеаи шаҳрвандӣ хабардор карда шудааст.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаҳои амалҳо</td><td>Нишондиҳандаҳои самаранокӣ</td></tr>
<tr><td>Таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои нав ва</td><td>1. Ҳуҷҷатҳои меъёрии нав таҳия гардидаанд – қонунҳо, ҳуҷҷатҳои</td><td>1. Сатҳи умумии шуғл (дар гурӯҳи синнусолии 15-64-сола) дар соли 2020</td></tr>
</table>

<table>
<tr>
<td>такмилдиҳии қонунҳои мавҷудбуда таъмин карда шудааст</td>
<td>банақшагирии сиёсат, қарорҳои Ҳукумат.<br>2. Ќонунҳо ва қарорҳои мавҷудбудаи Ҳукумат такмил дода шудаанд.</td>
<td rowspan="4">то 62,5 фоиз, дар соли 2015 – то 55 фоиз афзоиш меёбад. Сатҳи шуғл дар соли 2009 48,8 фоизро ташкил дод. Сатҳи шуғли занон дар соли 2015 то 38 фоиз, дар соли 2020 – то 42 фоиз афзоиш меёбад. Сатҳи шуғли занон дар соли 2009 33,9 фоизро ташкил дод.<br><br>2. Бо рушди соҳаҳои нав – туризм ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ, вусъатёбии соҳаи иттилоотию технологӣ ва энергетика, сохтмони роҳҳо, рушди соҳаҳои дорои арзиши иловашудаи баландтар, рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ – шумораи аҳолии дар соҳаҳои иқтисод машғули кор буда тағйир меёбад.<br><br>3. Дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои эхтиётӣ ва тадбирҳои фаъол дар бозори меҳнат шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол то соли 2020 72 фоиз меафзояд. Даро соли 2009 сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ дар гурўҳи синнусолии 15-64-сола 50,2 фоизро ташкил дод.<br><br>4. Вусъатбахшии чорабиниҳои фаъоли бозори меҳнат барои гурўҳҳои мухталифи мақсаднок имкон медиҳад шахсони муддати тўлонӣ бекорбуда фаъол гардонида шаванд ва шумораи шахсони муддати тўлонӣ бекорбуда кам карда шавад.</td>
</tr>
<tr>
<td>Иқтидорҳои сохторҳои сиёсати меҳнат афзоиш дода шудааст</td>
<td>1. Кормандон омўзонида шудаанд ва ихтисосашон мунтазам такмил дода мешавад.<br>2. Ўҳдадориҳои кормандон таҷдиди назар карда шудаанд ва миқдори онҳо зиёд карда шудааст.<br>3. Воситаҳои оияндабинӣ, таҳлил ва регистрҳо таъсис дода шудаанд.<br>4. Бо техника ва таъминоти барномавӣ, мебел ва дигар асбобҳо таҷҳизонида шудаанд.</td>
</tr>
<tr>
<td>Ҳаҷми маблағҳои молиявӣ барои таҳияи, ҷорӣ намудани сиёсати меҳнат ва назорати он зиёд гардидааст.</td>
<td>1. Кам гардидани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда;<br>2. Баланд гардидани сатҳи шуғл;<br>3. Истифода гардидани профитсити буҷети давлатӣ.</td>
</tr>
<tr>
<td>Сиёсати мақсаднок оид ба фаъолгардонии аҳолӣ, мусоидат ба шуғл, оид ба назорати риояи қонунгузории меҳнат, ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдори</td>
<td>1.Чорабиниҳои фаъоли шуғл;<br>2.Таъсис додани ҷойҳои корӣ;<br>3.Чорабиниҳои эхтиётии пешгирии бекорӣ;<br>4.Таълими босифат;<br>5.Омўзиш дар тўли тамоми ҳаёт.</td>
</tr>
</table>

<table>
<tr><td>ҷалбгардида татбиқ карда шудааст.</td><td></td><td>Шумораи қиёсии шахсони муддати тӯлонӣ бекорбуда (бештар аз 1 сол) то соли 2020 30 фоизро ташкил медиҳад (соли 2009 он 62,4 фоизро ташкил медод).<br><br>5. Бо беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав ва сифатнок, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ то соли 2020 аз 13 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол зиёдтар намегардад.</td></tr>
<tr><td colspan="3">1. Натиҷаҳои сиёсат. Идоракунии сиёсати иқтисодӣ ва молиявӣ беҳтар гардидааст ва алоқамандӣ бо сиёсати шугл муқаррар карда шудааст.</td></tr>
<tr><td colspan="3">1.1. Натиҷаҳои сиёсат. Воситаҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ таъсис дода шудаанд ва алоқамандӣ бо сиёсати шуғл муқаррар карда шудааст.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Натиҷаҳои амалҳо</td><td>Нишондиҳандаҳои самаранокӣ</td></tr>
<tr><td>1.1.1. Ташаккулдиҳии иқтидорҳо барои мусоидат дар таҳияи сиёсати асосноки макроиқтисодӣ ва сохторӣ</td><td>Модел барои таҳияи дурнамоҳои макроиқтисодӣ дар ВРИС сохта шудааст.<br>Ҳуҷҷати расмие, ки модел барои таҳияи дурнамоҳои макроиқтисодӣ дар ВРИС-ро тасдиқ мекунад, қабул карда шудааст.<br>Системаиояндабинии бозори меҳнат дар ояндаи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат таъсис дода шудааст.<br>Воситаҳо ва таъминоти барномавӣ оид ба тартибдиҳии дурнамоҳо муҳайё карда шудаанд.<br>Кормандон барои таҳияи дурнамоҳои сиёсати макроиқтисодию сохторӣ ва</td><td>20 нафар кормандони вазоратҳои масъул оид ба таҳияи дурнамоҳо ва истифодаи маълумотҳоиояндабинӣ</td></tr>
</table>

| | | |
|---|---|---|
| | сиёсати шуғл омӯзонида шудаанд. | омӯзонида шудаанд. |
| 1.1.2. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати маблағҳои буҷетӣ | Бархурди нави ташаккулдиҳии буҷети давлатӣ ҷорӣ карда шудааст. Кормандони ВММША ва сохторҳои тобеъ омӯзонида шудаанд.<br><br>Бо дарназардошти вазъи демографӣ, барои соҳаи маориф, шуғл ва тандурустӣ маблағҳои бештар ҷудо карда шудаанд. | 50 нафар кормандони ВММША ва сохторҳои зертобеъ оид ба банақшагирии буҷети миёнамӯҳлат омӯзонида шудаанд.<br><br>Хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои маблағгузории татбиқи сиёсати бозори меҳнат (чорабиниҳои фаъол ва ғайрифаъол) дар соли 2020-ум 0,07 – 0,09 фоизро аз ММД бояд ташкил диҳанд. |
| 1.1.3. Ҳамгироии сиёсати шуғл дар сиёсати иқтисодии кишвар | Ба барномаҳои таҳиягардидаи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳида нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии барномаҳо, аз ҷумла шумораи ҷойҳои кории таъсисдодашаванда дохил карда шудаанд.<br><br>Арзёбии дубораи ҳамаи барномаҳои қаблан қабулгардида доир карда шудааст.<br><br>ВММША ташхиси иҷтимоии масъалаҳои шуғли ҳама барномаҳои қабулгардида ва амалкунандаро таъмин менамояд.<br><br>Ҳуҷҷати банақшагирии сиёсат оид ба | Дар ВММША кормандони масъули (3 нафар) таъмини ташхиси иҷтимоӣ ва ташкили таҷдиди назар намудани барномаҳои қаблан қабулгардида ва арзёбии барномаҳои нав таъин карда шудаанд. Дар мавриди зарурат ВММША коршиносони мустақилро ҷалб менамояд.<br><br>То охири соли 2014 100 фоизи барномаҳои қаблан қабулгардидаи мӯҳлати амалашон то соли 2015 таҳти ташхиси иҷтимоӣ қарор дода мешаванд.<br><br>Ҳиссаи барномаҳое, ки аз ташхиси иҷтимоӣ гузаштаанд, то соли 2020 100 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2009 – 0 фоиз.<br><br>Дастгирии давлатии |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии сиёсати содирот таҳия шудааст ва татбиқи он оғоз гардидааст. | ҳавасмандгардонии содирот. Барои мақсади мазкур ҳуҷҷати стратегӣ бо муайян намудани ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ( 5 млн. сомонӣ ҳар сол, аз соли 2014 оғоз карда) қабул карда шудааст. |
| 1.1.4. Дастгирии навгониҳо (инноватсияҳо) дар иқтисод | Ҳуҷҷатҳои банақшагирии сиёсате, ки дастгирии навгониҳоро дар иқтисод, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истеҳсолоти илмталаб, истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва истеҳсолоти таъминкунандаи коркарди ашёи хоми маҳаллиро таъмин мекунад, таҳия гардидаанд, татбиқи онҳо оғоз гардидааст. | Дастгирии давлатии навгониҳо дар иқтисод, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истеҳсолоти илмталаб, истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва истеҳсолоти таъминкунандаи коркарди ашёи хоми маҳаллиро таъмин мекунад. Барои мақсади мазкур ҳуҷҷати стратегӣ бо муайян намудани ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ (5 миллион сомонӣ ҳар сол, аз соли 2014 оғоз карда) қабул карда шудааст. |
| 1.2. Натиҷаҳои сиёсат. Муҳити ҷолиби соҳибкорӣ ташкил карда шудааст, ки ба таъсис додани ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 1.2.1. Беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ, ки ба рушди иқтисод ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. | Ба қонунгузорӣ тасҳеҳот оиди он, ки таъин ва пардохти нафақаҳо ва кӯмакпулиҳо вазифаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ворид карда шудаанд.<br><br>Ҳар сол нақшаи беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад.<br><br>Бо мақсади беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ ба қонунҳо тасҳеҳот ворид карда шудаанд. | Шумораи кормандон дар Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаҳо барои иҷрои функсияи нав оид ба таъин ва пардохтани нафақаҳо ва кӯмакпулиҳо аз соли 2015 зиёд карда мешавад (100 нафар).<br><br>Ҷой дар рейтинги байналмилалии "Пешбурди тиҷорат".<br>То соли 2020 Тоҷикистон ба ҷумлаи |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳуҷҷатҳои банақшагирии сиёсати таъмини дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии моддии соҳибкороне, ки барои омӯзонидани кормандон маблағҳо ҷудо мекунанд, корхонаҳои хурд ва миёна таъсис медиҳанд ва соҳаҳои истеҳсолиро тараққӣ медиҳанд, таҳия карда шудаанд.<br><br>Тартиби соддагардидаи бақайдгирии фаъолияти хоҷагидорӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ, ки ба принсипи "равзанаи ягона" асос ёфтааст, ҷорӣ карда шудааст, хароҷотҳо ба ҳадди ақал расонида шудаанд.<br><br>Барои соҳибкорон хизматрасониҳои электронӣ ташкил карда шудаанд. | 100 кишвари аввал дар рейтинги "Пешбурди тиҷорат" дохил мешавад. Дар соли 2009 ҷойи 182-юмро ишғол мекард. Дар охири соли 2010 – ҷойи 138-ум.<br><br>Дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии моддии соҳибкороне, ки барои омӯзонидани кормандон маблағҳо ҷудо мекунанд, корхонаҳои хурд ва миёна таъсис медиҳанд ва соҳаҳои истеҳсолиро тараққӣ медиҳанд. Барои мақсади мазкур хуҷҷати стратегӣ бо муайян намудани ҳаҷмҳои маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ (2 млн. сомонӣ ҳар сол аз соли 2014 оғоз карда) таҳия карда мешавад.<br><br>Омори афзоиши шумораи шахсони ҳуқуқӣ. То соли 2020 дар муқоиса бо соли 2009 афзоиш 100 фоизаро ташкил медиҳад.<br>Шумораи қиёсии корхонаҳои нави таъсисдодашуда бо фоиз аз шумораи умумии корхонаҳои фаъол.<br><br>Ҷиҳати ташкил кардани хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон дар буҷети давлатӣ аз соли 2015 оғоз карда, ҳар сол ҷудо намудани 1,5 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.<br>50 фоизи шумораи умумии соҳибкорон |

| | | |
|---|---|---|
| | Аҳолӣ мунтазам дар бораи аҳамият ва зарурати пешбурди тиҷорати худ ва рушди соҳибкорӣ иттилоот мегирад. | ва корфармоён дар соли ҷорӣ ҳангоми пардохти андозҳо ва пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ аз хизматрасониҳои электронӣ истифода мекунанд.<br><br>Ҳар сол, аз соли 2016 оғоз намуда, шумораи корхонаҳое, ки аз хизматрасониҳои электронӣ истифода мекунанд, 10 фоиз зиёд мегардад, то соли 2020 бошад – 50 фоизи корхонаҳо аз хизматрасониҳои электронӣ истифода хоҳанд кард.<br><br>Аҳолӣ мунтазам дар бораи аҳамият ва зарурати пешбурди тиҷорати худ ва рушди соҳибкорӣ аз рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, аз тариқи радио ва аз веб-сайтҳо иттилоот мегирад, ва хароҷотҳо ҳарсола на камтар аз 79 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд. |
| 1.2.2. Такмил додани идоракунии андоз | Ба санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади соддагардонии пардохти андозҳо, тағйирот ворид карда шудаанд, тавсияҳои мукаммали меъёрҳои қонунҳо ворид карда шудаанд, инчунин мӯҳлатҳои воқеии эътибор пайдо кардани меъёрҳои нави қонунҳо муқаррар карда шудаанд.<br><br>Соҳибкорон бо иттилоот ва омӯзонидан оид ба пардохти андозҳо, барасмиятдарории | Соҳибкорон бо иттилоот оид ба пардохти андозҳо, барасмиятдарории ҳисоботҳо ва пешбурди баҳисобгирӣ аз тариқи рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, радио ва веб-сайтҳо таъмин карда шудаанд.<br><br>То соли 2020 100 фоизи шумораи умумии соҳибкорон ва корфармоён дар бораи ҷанбаҳои гуногуни соҳибкорӣ ва масъалаҳои андозбандӣ бо иттилоот |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳисоботҳо ва пешбурди баҳисобгирӣ таъмин карда шудаанд.<br><br>Феҳристи умумимиллии баҳисобгирии андозсупорандагон такмил ёфтааст ва дастрасии он ба мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ таъмин гардидааст. | таъмин карда мешаванд.<br><br>Сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ бо омӯзиш оид ба пардохти андозҳо, барасмиятдарории ҳисоботҳо ва пешбурди баҳисобгирӣ таъмин карда шудаанд.<br>Ҳар сол 10 фоизи шумораи умумии соҳибкорон ва корфармоён дар чорабиниҳои омӯзишӣ иштирок мекунанд.<br>Барои такмили Феҳристи умумимиллии баҳисобгирии андозсупорандагон аз буҷети давлатӣ ҳар сол ҷудо намудани 7,64 миллион сомонӣ аз соли 2014 оғоз намуда ва то соли 2016 ба нақша гирифта мешавад. |
| 1.2.3. Такмил додани системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ | Ба санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади муқаррар намудани алоқамандии байни пардохти суғуртаи иҷтимоӣ ва маблағҳои аз суғуртаи иҷтимоӣ гирифташаванда, инчунин ба тартиби пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ ва шахсоне, ки аз рӯи суғуртаи иҷтимоӣ кӯмакпулӣ мегиранд, тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br>Ба ҳар як шаҳрванд хароҷотҳои иҷтимоӣ аз рӯи маблағҳои воқеии аз ҷониби он пардохтнамудаи андози иҷтимоӣ муайян карда шудаанд. | Ҳар соли 100 фоизи шумораи умумии иштироккунандагони системаи суғуртаи иҷтимоӣ аз Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пардохти суғуртаи иҷтимоӣ ва дар бораи ҳаҷми сармояи нафақавӣ иттилоот мегиранд.<br><br>Афзоиши шумораи пардохткунандагони суғуртаи иҷтимоӣ дар муқоиса бо соли пеш, аз соли 2014 оғоз карда, ҳамасола 5 фоизро ташкил хоҳад дод. |

| | | |
|---|---|---|
| | Ба санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади муқаррар намудани меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғурта тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Санади  нави меъёрӣ бо мақсади таъмин намудани ҳамроҳшавии ихтиёрӣ ба системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, аз ҷумла суғуртакунонии нафақа таҳия карда шудааст.<br>Санади нави меъёрӣ бо мақсади таъмин намудани индексатсияи пасандозҳои инфиродӣ таҳия карда шудааст.<br><br>Феҳристи умумимиллии баҳисобгирии шахсони дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ суғурташуда таъсис дода шудааст. | Барои ҳар як намуди суғуртаи иҷтимоӣ буҷетҳои алоҳидаи махсус бо даромадҳо ва хароҷотҳои алоҳида, аз соли 2014 оғоз намуда, таъсис дода мешаванд.<br>Ҳаҷми қиёсии маблағҳои суғуртаи иҷтимоие, ки барои маблағгузории чорабиниҳои оид ба мусоидат ба шуғл ба ҳисоби миёна ҳар сол, аз соли 2013 оғоз намуда, 1 фоизи маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоиро бояд ташкил диҳад.<br><br>Фоизи афзоиши аҳолие, ки ихтиёран ба системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ҳамроҳ шудааст, ҳамасола 5 фоизро ташкил хоҳад дод.<br><br>Тибқи ҳуҷҷати меъёрии қабулгардида оид ба индексатсияи пасандозҳои инфиродӣ, то соли 2020 индексатсияи ҳарсолаи 100 фоизи пасандозҳои инфиродӣ таъмин карда мешавад.<br><br>Барои таъсис додани системаи иттилоотии автоматиконидашудаи ҷумҳуриявӣ дар Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди |

| | | |
|---|---|---|
| | | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъсиси регистри умумимиллии баҳисобгирии шахсони дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоии андозсупорандагон суғурташуда, дар Буҷети давлатӣ ҷудо намудани 52,4 миллион сомонӣ, аз соли 2012 оғоз намуда ва то соли 2016 ба нақша гирифта мешавад. (ниг. ба 3.1.3.) |
| 1.2.4. Ҳавасманд гардонидани иштирок дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ | Ба санадҳои қонунгузорӣ, бо мақсади азнавтақсимкунии меъёрҳои суғуртаи иҷтимоӣ байни корманд ва корфармо, муқаррар намудани меъёрҳои тафриқаноки пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои категорияҳои гуногуни андозсупорандагон тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Иттилоотонии иштироккунандагони системаи суғуртаи иҷтимоӣ оид ба пардохтани пардохтҳои суғуртавӣ таъмин карда шудааст. | Меъёрҳои пардохтҳои суғуртавӣ байни корманд ва корфармо аз нав тақсим карда шудаанд.<br>Тафриқаи меъёрҳои пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои табақаҳои мухталифи андозсупорандагон ва шумораи шахсони суғурташуда, ки ҳар сол 5 фоиз афзоиш меёбад, ҷорӣ карда шудааст.<br><br>То соли 2020 100 фоизи иштироккунандагони системаи суғуртаи иҷтимоӣ ба иттилоот оид ба пардохтҳои суғуртавии пардохташуда ва оид ба андозаи сармояи нафақавии худ дастрасӣ хоҳанд дошт.<br>Барои иттилоотонии аҳолӣ аз тариқи рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, радио ва веб-сайтҳо, аз соли 2014 оғоз намуда, и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҳар сол на камтар аз |

| | | |
|---|---|---|
| | | 79 ҳазор сомонӣ сарф хоҳад кард. |
| 2. Натиҷаҳои сиёсат. Сатҳи фасеҳӣ ва дастрасии бозори меҳнат барои ҳама баланд бардошта шудааст. | | |
| 2.1. Натиҷаҳои сиёсат. Музди меҳнат барои батанзимдарории бозори меҳнат истифода мегардад. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 2.1.1. Истифода намудани музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашавандаи андоз аз даромад ҳамчун воситаи воқеӣ барои таъмини даромади кафолатноки коргарон. | Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян кардани тартиби таҷдиди назар намудани музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашаванда таҳия карда шудааст.<br><br>Ҳар сол музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашавандаи андоз аз даромад таҷдиди назар карда мешавад. | Дар соли 2020 андозаи қиёсии музди меҳнати моҳона 40 фоизи музди меҳнати миёнаи моҳонаро бояд ташкил диҳад.<br><br>Шумораи қиёсии гирандагони музди меҳнати ҳадди ақал аз миқдори умумии кормандон ҳар сол 5% кам мегардад.<br><br>Таносуби музди меҳнати миёнаи моҳонаи мардҳо ва занон ба ҳисоби миёна то соли 2020 на зиёда аз 20 фоизро бояд ташкил диҳад. |
| 2.1.2. Ҳалли проблемаи қарздории доимӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат | Инвентаризатсияи қарздорӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат гузаронида шудааст.<br><br>Муоина ва назорати бавуҷудоии қарздорӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат ба роҳ монда шудааст.<br><br>Барои коргарон имконияти фавран муроҷиат кардан дар ҳолатҳои напардохтани музди меҳнат муҳайё карда шудааст.<br><br>Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян намудани тартиби пардохти | То соли 2020 қарздорӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат бо мӯҳлати зиёда аз 1 моҳ пурра бартараф карда мешвад.<br>То соли 2020 қарздории ҷорӣ аз рӯи пардохти музди меҳнат аз 1 фоизи фонди пардохти музди меҳнат дар кишвар зиёд нахоҳад шуд. |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳатмии ҳармоҳаи музди меҳнат таҳия карда шудааст. | |
| 2.2. Натиҷаҳои сиёсат. Тағйир додани самти таълиму тарбия барои дастгирӣ намудани ислоҳоти сохторӣ дар иқтисод. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 2.2.1. Таъмини дастрасии аҳолӣ ба омӯзиш дар тӯли тамоми ҳаёт | Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади ҷорӣ намудани принсипи "Омӯзиш дар тӯли тамоми ҳаёт" тасҳеҳот ворид карда шудаанд. Идораҳои масъул муайян карда шудаанд.<br>Принсипи "Омӯзиш дар тӯли тамоми ҳаёт" ба ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегии соҳаи маориф дохил карда шудааст.<br>Баҳисобгирии омории ҳама шаклҳои таҳсил анҷом дода мешавад.<br><br>Шаклҳои гуногуни таҳсил, аз ҷумла таҳсили фосилавӣ, ғоибона, шабона, таҳсил дар курсҳои кӯтоҳмуддат, таҳсили ғайрирасмӣ ва ғайра ба роҳ монда шудаанд. | То соли 2020 шумораи ҳиссаи калонсолон дар гурӯҳи синнусолии 25-64-сола, ки таҳсилоти расмӣ ё ғайрирасмӣ гирифтаанд, бояд 5 фоизро ташкил диҳад. |
| 2.2.2. Боло бурдани сатҳи фасеҳии таҳсилот | Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян намудани тартиби иштироки бахши хусусӣ дар таъмини таҳсилот дар ҳама зинаҳо ва эътирофи донишу малакаҳо таҳия гардидааст.<br><br>Барномаҳои омӯзишӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат таҳия карда мешаванд. | Шумораи ҳиссаи муассисаҳои таълимии хусусӣ дар миқдори умумии таълимгоҳҳо, аз ҷумла аз рӯи шаклҳои таҳсил, то соли 2020 30 фоизро ташкил хоҳад дод. |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳангоми таҳияи барномаҳои омӯзишӣ иштироки ҳатмии корфармоён таъмин карда мешавад. Барномаҳои омӯзишӣ бо шарти мавҷуд будани тавсияҳои корфармоён тасдиқ карда мешаванд.<br><br>Марказҳои имтиҳонгирӣ барои эътироф намудани донишу малакаҳое, ки дар доираи таҳсили ғайрирасмӣ гирифта шудаанд, таъсис дода мешаванд. | То соли 2020 дар мактабҳои ибтидоӣ, миёна ва таълимгоҳҳои олӣ марказҳои имтиҳонгирӣ барои эътироф намудани донишу малакаҳое, ки дар доираи таҳсили ғайрирасмӣ гирифта шудаанд, таъсис дода мешаванд, на камтар аз 4 марказ. |
| 2.2.3. Омода намудани ҷавонон ба гузариш аз таҳсил ба меҳнат | Ба барномаи мактаби миёнаи асосӣ дар заминаи ҷамъбасти фаннҳои ҷамъиятӣ фанни нав "Донишҳои иҷтимоӣ" ворид карда шудааст, барномаи таълимӣ таҳия шудааст, китобҳои дарсӣ нашр карда шудаанд, санҷишҳо гузаронида шудаанд.<br><br>Ба барномаи мактаби миёнаи асосӣ масъалаҳои интихоби касб ва таҳсилоти тахассусӣ ворид карда шудаанд. | То соли 2020 100 фоизи хонандагони мактабҳои миёнаи асосӣ бо омӯзиши фанни "Донишҳои иҷтимоӣ" бояд фаро гирифта шаванд.<br>100 фоизи мактабҳо муаллимони дорои омодагии касбӣ аз фанни "Донишҳои иҷтимоӣ" ва ба миқдори зарурӣ китобҳои дарсӣ хоҳанд дошт.<br><br>То соли 2020 100 фоизи талабагони синфҳои болоии мактабҳои миёнаи асосӣ аз хизматрасониҳо оид ба интихоби касб баҳраманд хоҳанд шуд. |
| 2.2.4. Тағйир додани самти | Таҳияи стандартҳои касбӣ, барномаҳои таълимӣ, ташкили | Шумораи қиёсии донишомӯзоне, ки таълимгоҳҳои таҳсилоти ибтидоии |

| | | |
|---|---|---|
| таҳсилоти касбӣ ба эҳтиёҷоти бозори меҳнат | таҷрибаомӯзӣ барои хонандагон, баҳодиҳии дониши хатмкунандагон дар ҳамкорӣ бо корфармоён анҷом дода мешавад.<br><br>Талаботҳо нисбати омӯзонидани коргарон аз рӯи ихтисосҳое, ки бо хизматрасонӣ ба аҳолӣ алоқаманд мебошанд, муқаррар ва ҷорӣ карда шудаанд.<br><br>Омӯзонидани роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони навтаҷриба ба роҳ монда шудааст. | касбиро хатм кардаанд, аз миқдори умумии бекорон ҳар сол 5 фоиз кам мегардад.<br>Дар соли 2020 шумораи қиёсии донишҷӯёне, ки дар корхонаҳои корфармоён таҷрибаомӯзӣ мекунанд, аз шумораи умумии донишҷӯён (аз ҷумла алоҳида аз рӯи таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ) бояд на камтар аз 80 фоизро ташкил диҳад.<br><br>То соли 2020-ум 100 фоизи кормандони соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва нақлиёти ҷамъиятӣ донишҳои касбӣ мегиранд.<br><br>То соли 2020 100 фоизи роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ ва соҳибкорони навтаҷриба бо омӯзонидан фаро гирифта мешаванд. |
| 2.3. Натиҷаҳои сиёсат. Санадҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ такмил дода шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 2.3.1. Санадҳои қонунгузории меҳнат бо дарназардошти шаклҳои мухталифи шуғл такмил дода шудааст | Ба Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади аниқ намудани истилоҳоти (мафҳумҳои) соҳаи меҳнат, шуғл ва бозори меҳнат дар қисмати муайян намудани ҳадди дақиқ байни мақом дар бозори меҳнат тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br>Муқаррар карда шудааст, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳама | То соли 2020 100 фоизи кормандони кироя шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатии хаттӣ бояд дошта бошанд.<br><br>Ҳар сол шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба расмият даровардаанд, 5 фоиз меафзояд.<br><br>Дар соли 2020 шумораи қиёсии қувваи |

| | | |
|---|---|---|
| | шаклҳои шуғл ба таври хаттӣ ба расмият даровварда мешаванд, шаклҳои қонунии муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайра муайян карда шудаанд.<br><br>Классификатори касбҳо/шуғлҳо тибқи стандартҳои ТБМ таҳия ва ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян намудани рӯйхати ба низом даровардашудаи касбҳо ва тартиби навсозии он таҳия гардидааст. | корие, ки дар хона ва/ё ҷойи кор компютерҳои шахсӣ истифода мекунад, нисбати шумораи умумии қувваи корӣ 20 фоизро бояд ташкил диҳад. |
| 2.3.2. Рушди муносибатҳои меҳнатӣ | Ба Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фасеҳии бозори меҳнат ва мутобиқсозии он ба шароити воқеӣ тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br>То соли 2020 ҳама шаклҳои шуғл дар доираи меъёрҳои қонунгузории меҳнат бояд  ба танзим даровварда шаванд.<br><br>Шаклҳои ҳисоботдиҳии оморӣ барои доир намудани таҳлили муносибатҳои меҳнатӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд. | Дар соли 2020 шумораи қиёсии миқдори умумии коргароне, ки аз рӯи вақти кории давомнокиаш ихтисоршуда кор мекунанд ва/ё ба мӯҳлати номуайян қарордоди меҳнатӣ доранд (аз ҷумла барои ичрои корҳои мавсимӣ), инчунин когарони худиштиғол – дар шумораи умумии коргарон 25 фоизро бояд ташкил диҳад.<br><br>Фоизи созишномаҳои дар сатҳи соҳавӣ таҳияшуда ва қабулгардида дар миқдори соҳаҳо.<br><br>Дар соли 2020 ҳиссаи корхонаҳое, ки шартномаҳои коллективӣ ба имзо мерасонанд, бояд на камтар аз 60 фоизро ташкил диҳад. |

| | | |
|---|---|---|
| | ВММША ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, якҷоя бо шарикони иҷтимоӣ мунтазам омӯзонидан ва иттилоотонии корфармоён ва коргаронро оид ба меъёрҳои санадҳои қонунгузории меҳнат ва ҳуҷҷатҳои меъёрии оид ба мусоидат ба шуғл, идоракунии захираҳои инсонӣ доир мекунанд. | Миқдори соатҳои дар ҳафтаи пурраи корӣ коркардае, ки ба шумораи умумии коргарони вақти кории пурра коркарда тақсим карда шудааст.<br><br>Шумораи қиёсии коргарони миқдори соатҳои коркардаи вақти кориашон аз миқдори муқаррарии соатҳои коркарда зиёд мебошад, барои он, ки соатҳои изофа аз меъёр кардаанд, дар миқдори умумии коргарон, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда.<br><br>Иттилоотонӣ оид ба меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба мусоидат ба шуғл беҳтар гардидааст, ва дар соли 2020 70 фоизи корфармоён ва коргарон иттилоотонида мешаванд, аз ҷумла 40 фоиз - хуб иттилоотонида шудаанд. |
| 2.4. Натиҷаҳои сиёсат. Ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда кам гардидааст. | | |
| Натиҷаҳои амалаҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 2.4.1. Таҳияи барномаи давлатӣ оид ба кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ | Ҳуҷҷати банақшагирии сиёсати амалҳои идораҳои давлатӣ оид ба паст намудани шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ таҳия гардидааст.<br><br>Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва | Шумораи қиёсии коргарони дар бахши ғайрирасмӣ коркунанда бо фоиз аз шумораи умумии коргарон. Ҳар сол, аз соли 2014 оғоз намуда, тамоюли кам шудани шумораи коргарони дар бахши ғайрирасмӣ машғулбуда ба мушоҳида мерасад.<br><br>Шумораи қиёсии ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ дар миқдори умумии ҳолатҳои вайронкунии |

| | | |
|---|---|---|
| | ҷиноятии корфармоён барои риоя накардани санадҳои қонунгузории меҳнат тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Дар Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ шӯъбаи пешгирии шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ таъсис дода шудааст.<br><br>Барои сабук намудани назорат ва таҳлили шуғл дар соҳаҳои дорои хавфи бештари шуғли ба қайд гирифтанашуда чорабиниҳои махсус таҳия ва ҷорӣ карда шудаанд.<br><br>Иттилоотонии доимӣ оид ба таъсири манфии шуғли ба қайд гирифтанашуда таъмин карда шудааст. | қонунгузории меҳнат. Ҳар сол тамоюли кам гардидани ҳодисаҳои вайронкунии қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ ба мушоҳида мерасад.<br><br>Афзоиши даромадҳои андозӣ баъди ошкор кардани ҳолатҳои шуғли ба қайд гирифтанашуда.<br><br>Шумораи коргарон дар Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ барои иҷрои вазифаҳои оид ба пешгирии шуғли ба қайд гирифтанашуда/ғайрирасмӣ аз соли 2012 15 нафар зиёд карда мешавад.<br><br>Барои иттилоотонии аҳолӣ аз тариқи рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, радио ва веб-сайтҳо ҳар сол, аз соли 2012 оғоз карда, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ на камтар аз 79 ҳазор сомонӣ сарф хоҳад кард. |
| 2.4.2. Таҷдиди назар намудани бархурдҳо нисбати ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ аз | Ба санадҳои меъёрӣ бо мақсади муайян намудани тартиби нави бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тасҳеҳот ворид карда шудаанд: фермерҳои инфиродӣ дар шакли хоҷагиҳои худшуғл, оилавӣ, | То соли 2020 100 фоизи хоҷагиҳои фермерӣ дар мақомоти андоз ба қайд гирифта мешаванд ва бо системаи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ фаро гирифта мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| мавқеи қонунигардони шуғл дар онҳо | ва хоҷагиҳои коллективии фермерӣ – дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта мешаванд.<br><br>Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории меҳнат системаи муносибатҳои меҳнатӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шудааст, пешбурди баҳисобгирии шуғлдоштагон ва ҳаракати қувваи корӣ анҷом дода мешавад. | |
| 2.5. Натиҷаҳои сиёсат. Вусъатбашии ҷалби иҷтимоӣ барои табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ дарканормонда. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 2.5.1. Ташаккулдиҳии системаи ҳамгироии иҷтимоӣ | Ба санадҳои меъёрӣ бо мақсади таҷдиди назар намудани гурӯҳҳои аҳолие, ки тахти хавфи дарканормонии иҷтимоӣ қарор доранд ва барои онҳо дастгирӣ ба нақша гирифта мешавад, тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Хизматрасониҳои нав ташкил карда шудаанд:<br>- омӯзонидани иловагии ҷавонон, бекорон ва корҷӯён аз рӯи фанҳои таълимие, ки барои идома додани таҳсил ва гирифтани касб (бартараф намудани камбудиҳо дар донишҳои пештара) зарур мебошанд;<br>- омӯзонидани шахсони бесаводи | Афзоиши шумораи шахсон аз ҷумлаи шахсони осебпазир, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб гардидаанд, аз рӯи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар муқоиса бо соли пеш.<br><br>Дар соли 2020 шумораи қиёсии шахсони синни 18-24-солае, ки таҳсилоти миёнаи асосӣ ё пасттар доранд ва таҳсилро идома намедиҳанд, аз шумораи умумии аҳолӣ дар гурӯҳи мазкури синнусолӣ (18-24-сола), аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда, 98 фоизро ташкил медиҳад.<br><br>Сатҳи бекорӣ вобаста ба таҳсилоти дошта (ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, олӣ) |

| | | |
|---|---|---|
| | аз 15-сола калонтар ва ҳамгироии онҳо дар бозори меҳнат.<br><br>Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВТҲИА таъсис дода шудааст, ки дар он, аз ҷумла, шароит барои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзонӣ ва такмили ихтисоси занони маъюб, модарони кӯдакони маъюб, заноне, ки кӯдакони хурдсол доранд, муҳайё карда шудааст.<br><br>Тадқиқотҳо оид ба масъалаҳои бегонашавӣ аз ҷомеа ва камбизоатӣ мунтазам доир карда мешаванд. | Таъсисдиҳии Агентии давлатии ҳамгироии иҷтимоӣ дар назди ВММША аз соли 2011 оғоз мегардад, вале ҷудо намудани маблағҳои иловагӣ аз буҷети давлатӣ аз соли 2014 ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Дар давраи мазкур доир намудани 3 тадқиқот оид ба масъалаҳои бегонашавии иҷтимоӣ ва камбизоатӣ ба нақша гирифта мешавад: дар солҳои 2013, 2016 ва 2019. Эҳтимол, зарурати муттаҳидсозии онҳо бо тадқиқот оид ба камбизоатӣ вуҷуд дошта бошад. |
| 2.5.2. Таҷдиди назар намудани квотакунонии ҷойҳои корӣ барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ | Ҳуҷҷати банақшагирии сиёсат, ки дастгирии соҳобкоронеро, ки барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд, таҳия гардидааст.<br><br>Барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҷойҳои махсуси корӣ таъсис дода мешаванд. | Миқдори ҷойҳои кории нав таъсисдодашуда барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ дар соли ҷорӣ.<br><br>Ҳар сол тамоюли зиёдшавии миқдори ҷойҳои кории нав таъсисдодашуда ба мушоҳида мерасад.<br><br>Дастгирии давлатии соҳибкороне, ки барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд. Барои ин мақсад дар буҷети давлатӣ ҳар сол, аз соли 2016 оғоз |

| | | |
|---|---|---|
| | | намуда, ҷудо кардани 5 млн. сомонӣ ба нақша гирифта мешавад. |
| 2.5.3. Вусъатбахшии имкониятҳо барои занон ҷиҳати ба ҳам омехтани кори оила ва фаъолияти меҳнатӣ | Шабакаи муассисаҳои томактабӣ рушд ёфтааст, имкониятҳои таълиму тарбияи иловагӣ барои кӯдакон фароҳам оварда шудаанд, имкониятҳои рӯзи давомдор дар мактабҳо барои таъмини нигоҳубини кӯдакон вусъат бахшида шудаанд.<br>Шабакаи марказҳои офиятбахшӣ барои кӯдакони маъюб, барои баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иктисодии волидони онҳо, дар навбати аввал модарони онҳо рушд ёфтааст. | Натиҷаҳои самаранокӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 муайян карда мешаванд.<br>Дар соли 2020 фарогирии кӯдакони маъюб (аз 1 то 18-сола) бо ҷойҳо дар марказҳо ва муассисаҳои офиятбахшӣ бо фоиз аз шумораи умумии кӯдакони маъюб ( аз 1 то 18-сола) 80 фоизро ташкил медиҳад. |
| 3.Натиҷаҳои сиёсат. Батанзимдарории бозори меҳнат беҳтар карда шудааст. | | |
| 3.1. Натиҷаҳои сиёсат. Самаранокии идоракунии бозори меҳнат баланд бардошта шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 3.1.1. Такмилдиҳии қонунгузорӣ оид ба шуғл | Ба Ќонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" тасҳеҳот ворид карда шудаанд ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади муайян намудан ва ба қонун ворид кардани танҳо он меъёрҳое, ки иҷрошаванда мебошанд ва муқаррар намудани ҳадди дақиқи функсияҳо байни таҳиягарони сиёсат ва хадамот/агентиҳои татбиққунандаи он, таҳия карда шудаанд.<br>Санади нави меъёрӣ бо мақсади | Фоизи меъёрҳои воқеан иҷрошавандаи Ќонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ.<br>То соли 2020 100 фоизи меъёрҳои қонунгузорӣ иҷрошаванда мегарданд.<br>Дар соли 2020 шумораи агентиҳои хусусии шуғл на камтар аз 10 ададро |

| | | |
|---|---|---|
| | фароҳам овардани шароит барои рушди агентиҳои хусусии шуғл таҳия карда шудааст.<br><br>Дар сиёсати давлат бархурдҳои нав оид ба тақсимот ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ муайян карда мешаванд.<br>Усулҳои ташкили раванди муҳоҷирати ихтиёрӣ ва экологӣ таҷдиди назар карда шудаанд. | ташкил медиҳад, ва дар ҳар як минтақа на камтар аз 2 агентии хусусӣ оид ба шуғл ва бокортаъминкунӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам хориҷ аз он амал хоҳад кард.<br><br>Ҳар сол 2000 оила тибқи барномаи муҳоҷирати ихтиёрӣ ва экологӣ ба таври муташаккилона ба ҷойҳои нави истиқоматии дорои шароити зарурии зисти пешакӣ ободкардашуда ва бидуни проблемаҳои бокортаъминкунӣ кӯчонида мешаванд. |
| 3.1.2. Таҷдиди назар намудани принсипҳои ташкили кори ММША ва баланд бардоштани самаранокии кори он | Аз ҳайати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират масъалаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки ба Агентии нави ҳамгироии иҷтимоӣ супурда шудаанд, хориҷ карда шудаанд.<br>Ба Низомномаи ММША ва ба дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади таҷдиди назар намудани ташкили кор ва рушди хизматрасониҳои нав тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Санадҳои нави меъёрии дохилӣ бо мақсади батанзимдарории кор ММША таҳия гардидаанд. | Ќисми ҷавонон/калонсолони ба кор машғулнабудае, ки дар моҳи X бекор мондаанд ва то ба ҳол дар моҳи X+6/12 ба кор машғул нестанд,ва баъди мусоидати мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар расонидани кӯмак дар ҷустуҷӯи кор ба натиҷаҳои мусбӣ ноил нагардидаанд.<br>Ҳар сол тамоюли 5% кам гардидани онҳо ба мушоҳида мерасад.<br><br>Миқдори қиёсии иштироккунандагоне, ки чораҳои фаъоли шуғл гирифтаанд ва дар бозори меҳнат ворид шудаанд (дар тӯли 3-6 моҳи баъди иштирок дар чорабиниҳо) аз шумораи умумии |

| | | |
|---|---|---|
| | Кори ММША ба эҳтиёҷоти бекорон нигаронида шудааст, принсипи "Рӯ ба мизоҷ" ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Омӯзонии кормандон ба таври доимӣ ташкил карда шудааст.<br><br>Банақшагирии стратегии фаъолияти ММША ва мақомоти маҳаллии он ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Тартиби арзёбии самаранокии кори ММША таҳия гардидааст ва мониторинги доимӣ гузаронида мешавад.<br><br>Ҳаҷми маблағҳои молиявӣ барои чорабиниҳои эҳтиётӣ оид ба пешгирии бекорӣ ва чорабиниҳои фаъол оид ба шуғл.<br><br>Хизматрасонии нав барои корҷӯён ва бекорон ҷорӣ карда шудаанд.<br>Хизматрасонии электронӣ барои мизоҷони ММША ташкил карда шуаанд. | иштироккунандагоне, ки чораҳои фаъоли шуғл гирифтаанд, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимшуда.<br>Ҳар сол тамоюли 5 фоиз афзоиш ёфтани он ба мушоҳида мерасад.<br><br>Шумораи қиёсии бекороне, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб карда шудаанд, аз шумораи умумии бекорон, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимшуда.<br>Ҳар сол тамоюли 5 фоиз афзоиш ёфтани он ба мушоҳида мерасад.<br><br>Арзёбии дараҷаи таъсири чорабиниҳои ММША ба вазъи бозори меҳнат.<br><br>Миқдори бекорон ба як корманди ММША дар як моҳ.<br>Шумораи фикру мулоҳизаҳои мусбӣ нисбати кори ММША аз тариқи шабакаи Интернет ва пурсишҳои афкори умум.<br><br>На камтар аз 60 фоизи маблағҳои ММША барои чорабиниҳои эҳтиётӣ оид ба пешгирии бекорӣ ва чорабиниҳои фаъол оид ба шуғл сарф карда мешаванд.<br><br>Ҷараёни инкишофи ҷойҳои кории озод ба як бекор аз рӯи солҳо.<br><br>Барои ташкил намудани хизматрасонии электронӣ дар Буҷети давлатӣ дар |

| | | |
|---|---|---|
| | Феҳристи баҳисобгирии бекорон ва корҷӯяндагоне, ки дар ММША ба қайд гирифта шудаанд, таъсис дода шудааст.<br><br>Иттилоотонии доимӣ оид ба хизматрасониҳои ММША таъмин карда шудааст. | солҳои 2017-2018 30 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Барои таъсиси Феҳристи баҳисобгирии бекорон ва корҷӯяндагони аз буҷети давлатӣ ҳар сол, аз соли 2012 то 2014 1,723 миллион сомонӣ ҷудо карда мешавад.<br><br>Барои иттилоотонии аҳолӣ аз тариқи рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, радио ва веб-сайтҳо аз соли 2014 оғоз намуда, Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҳар сол на камтар аз 555,774 ҳазор сомонӣ сарф хоҳад кард. |
| 3.1.3. Модернизатсия ва таҷҳизонии техникии сохторҳои оид ба меҳнат ва шуғл | Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии ВММША супориши техникӣ таҳия карда шудааст.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират супориши техникӣ таҳия карда шудааст.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва | Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии ВММША дар Буҷети давлатӣ аз соли 2012 оғоз карда, ҷудо намудани 858 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар Буҷети давлатӣ аз соли 2014 оғоз карда, ҷудо намудани 6,27 миллион сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар Буҷети давлатӣ ҷудо намудани 52,41 миллион сомонӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | нафақа супориши техникӣ таҳия карда шудааст.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ супориши техникӣ таҳия карда шудааст.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии "МД Маркази ташхиси тиббию иҷтимоии маъюбон"-и Вазорати тндурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориши техникӣ таҳия карда шудааст. | ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Буҷети давлатӣ аз соли 2014 оғоз карда, ҷудо намудани 820,8 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Барои модернизатсия ва таҷҳизонидани техникии Хадамоти давлатии ташхиси таббию иҷтимоӣ дар Буҷети давлатӣ аз соли 2015 оғоз карда, ҷудо намудани 1,482 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад. |
| 3.2. Натиҷаҳои сиёсат. Системаи таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат таъсис дода шудааст, омори меҳнат такмил дода шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 3.2.1. Таъсис додани системаи дурнамои бозори меҳнат ва истифодаи он | Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян намудани идораҳои масъул барои дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат таҳия гардидааст.<br><br>Системаи дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат таъсис дода шудааст. | Дар ВММША шӯъба бо 3 корманде, ки ба масъалаҳои дурнамои бозори меҳнат ва дурнамоҳои демографӣ аз соли 2012 машғул мешаванд, таъсис дода шудааст.<br><br>Барои таъсиси системаи дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат дар Буҷети давлатӣ аз соли 2013 |

| | | |
|---|---|---|
| | Омӯзонидани кормандон оид ба истифодабарӣ ва таҳияи дурнамоҳои ҳарсолаи эҳтиёҷот ба қувваи корӣ ташкил карда шудааст.<br><br>Ҳар сол ҳисоботҳо оид ба дурнамои эҳтиёҷот ба қувваи корӣ таҳия карда мешаванд.<br><br>Иқтидорҳои ВММША оид ба масъалаҳои дурнамо тақвият бахшида шудаанд.<br><br>Системаи дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат таҳия ва дар фаъолияти ММША ҷорӣ карда шудааст.<br><br>ММША ҳар сол пурсишҳои корфармоёнро оид ба эҳтиёҷот ба кормандон ва ихтисосҳои зарурӣ доир мекунад ва таҳлили эҳтиёҷот дар бозори меҳнатро интишор менамояд.<br>Барномаҳои омӯзонидани корҷӯён ва бекорон, инчунин интихоби донишомӯзон ба системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар асоси натиҷаҳои ояндабинии эҳтиёҷот таҳия ва такмил дода мешаванд. | оғоз намуда, ҷудо кардани 1,065 миллион сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br><br>Шумораи қиёсии бекороне, ки тибқи дархостҳои корфармоён тарбия ва бо кор таъмин карда шудаанд, аз шумораи умумии бекорон.<br><br>Ҳар сол тамоюли зиёдшавии шумораи бекороне, ки тибқи дархостҳои корфармоён тарбия ва бо кор таъмин карда шудаанд, ба миқдори на камтар аз 500 нафар ба мушоҳида мерасад.<br>Дар соли 2020 фоизи бекороне, ки тибқи дархостҳои корфармоён тарбия ва бо кор таъмин карда мешаванд, на |

| | | |
|---|---|---|
| | | камтар аз 80 фоизро бояд ташкил диҳад. |
| 3.2.2. Такмилдиҳии баҳисобгирии омории шуғл | Баҳисобгирии омории ҳама шаклҳои шуғле, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ҷорӣ карда шудааст.<br>Омори шуғл бо омори андозбандӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ мувофиқ карда шудааст. | То соли 2020 100 фоизи субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорони инфиродӣ, тиҷорати хурд ва миёна, тиҷорати бузург, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғ.) бо системаи баҳисобгирии омори меҳнат фаро гирифта мешаванд. |
| 3.2.3. Ҷорӣ намудани Тадқиқоти мунтазами қувваи корӣ (ТҚК) | Ҳар сол ТҚК бо фарогирии ҳатмии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳсили калонсолон гузаронида мешавад. | ТҚК ҳарсола, аз соли 2014 оғоз карда, гузаронида мешаванд ва ҳар сол дар буҷети давлатӣ ҷудо намудани 450 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад. |
| 3.3. Натиҷаҳои сиёсат. Системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат такмил дода шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 3.3.1. Такмилдиҳии системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат | Тағйироти дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи меҳнат" ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои идоракунии ҳифзи меҳнат таҳия гардидаанд.<br>Қонуни нав "Дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор ва бемориҳои касбӣ" ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади ҷорӣ намудани намуди нави суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи кормандон таҳия гардидаанд. | Зудии рӯйдиҳии ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор, ки миқдори ҳодисаҳои нохушро дар ҷойи кор ба 100 000 корманд муайян мекунад.<br>Тамоюлҳои тағйирёбии миқдори бемориҳои касбӣ.<br><br>То соли 2020 100 фоизи кормандон, тибқи талаботи қонун, бо суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот фаро гирифта мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| | Ба Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади муқаррар намудани чораҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони воситаҳои ҳимояи инфиродӣ тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br>Дар Муассиаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ сохтори илмӣ оид ба ҳифзи меҳнат таъсис дода шудааст.<br><br>Иттилоотонии доимии корфармоён ва кормандон оид ба ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат доир карда мешавад. | Фоизи афзоиши корхонаҳое, ки воситаҳои ҳимояи инфиродӣ истеҳсол мекунанд.<br><br>Сохтори илмӣ дар Муассиаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ оид ба меҳнат бо на камтар аз 3 корманд, ки аз соли 2015 оғоз намуда, ба тадқиқоти омилҳои мухталифи ба муҳити меҳнат таъсиррасонанда ва хавфҳо, анҷомдиҳии ченкуниҳо, ба масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ғайра машғул мешаванд, таъсис дода шудааст.<br><br>Барои иттилоотонии аҳолӣ аз тариқи рӯзномаҳо, барномаҳои телевизионӣ, радио ва веб-сайтҳо ҳар сол, аз соли 2015 оғоз намуда, ВММША ва Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ на камтар аз 79,4 ҳазор сомонӣ сарф хоҳанд кард. |
| 3.3.2. Тақвиятбахшии иқтидорҳои нозирот оид ба ҳифзи меҳнат | Ба Низомномаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва ба дигар санадҳои меъёрӣ бо мақсади таҷдиди назар | Шумораи қиёсии корхонаҳои тадқиқотшуда, аз ҷумла дорои хавфи зиёд дар шумораи умумии корхонаҳо.<br><br>Фоизи кормандон дар корхонаҳое, ки |

| | | |
|---|---|---|
| | намудани вазифаҳо ва муқаррар намудани масъулият барои анҷомдиҳии назорати давлатӣ, иҷрои қонунгузорӣ оид ба меҳнат, оид ба ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнат, паст кардани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда ва суистифодаи меҳнати кӯдакон тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br>Масъалаҳои назорати таъини нафақаҳо ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа супурда шудаанд.<br><br>Иқтидорҳои нозирот бо роҳи ташкил намудани омӯзонии кормандон ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси онҳо, таҷҳизонии техникӣ тақвият бахшида шудаанд, шумораи кормандон васеъ карда мешавад.<br><br>Амалияи санҷишҳои мунтазами корхонаҳо оид ба ошкор намудани далелҳои вайронкунии қонунгузории меҳнат нисбати занон ва ҷавонони то 18-сола, инчунин далелҳои табъиз бо нишонаи ҷинс ва синну сол ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Ќоидаҳои ҳисоботдиҳии дастрасии умумии нозироти меҳнат оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ таҳия карда шудаанд. | амалан дар бораи омилҳои вуҷуддоштаи хавф дар муҳити меҳнатӣ ва усулҳои боэътимод ва ҳимоятии кор иттилоотонида шудаанд ва ба онҳо дастурҳо дода шудаанд.<br><br>Миқдори тадқиқотҳо ва бозддидҳо аз корхонаҳои дорои хавфи зиёди шуғли ба қайд гирифтанашуда, инчунин корхонаҳое, ки меъёрҳои ҳифзи меҳнатро вайрон мекунанд ва меҳнати кӯдаконро истифода мекунанд зиёд карда шудааст.<br><br>Ҳар сол миқдори тадқиқотҳо ва бозддидҳо аз корхонаҳо 2 фоиз зиёд мегардад. |

| | | |
|---|---|---|
| 3.3.3. Фаъолноксозии фаъолият оиди аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон | Идораи давлатие, ки барои ҳалли мушкилоти меҳнати кӯдакон масъул мебошад, муайян карда шудааст.<br>Нақшаи миллии амалиёт оиди аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон таҳия гардидааст. | То соли 2020 на бештар аз 1 фоизи кӯдакони синни 12-14-сола ҳафтае зиёда аз 20 соат кор мекунанд. Дар соли 2009 ин рақам 10 фоизро ташкил медод. |
| 3.4. Натиҷаҳои сиёсат. Ҳифзи бозори дохилии меҳнат беҳтар гардидааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 3.4.1. Такмилдиҳии қонунгузорӣ оид ба шуғл ва муҳоҷират дар масъалаҳои ҳифзи бозори дохилии меҳнат | Ба қонунгузорӣ бо мақсади ҷорӣ намудани принсипи: ҷойҳои кории холӣ ба воситаи ММША ба қувваи кории маҳаллӣ пешниҳод карда мешаванд ва танҳо дар сурати талабот надоштани онҳо барои ҷалб намудани танҳо кормандони баландихтисоси хориҷӣ иҷозат дода мешавад, тасҳеҳот ворид карда шудаанд.<br><br>Ба қонунгузорӣ бо мақсади он, ки ташкили фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон танҳо дар асоси шахси ҳуқуқӣ сурат мегирад, тасҳеҳот ворид карда шудаанд. | Шумораи қиёсии муҳоҷирони хориҷии коркунанда, аз ҷумла тибқи иҷозатномаҳои меҳнатии додашуда ва квотаҳои муқаррargардида аз шумораи умумии шуғлдоштагон.<br><br>То соли 2020 0 фоизи шаҳрвандони хориҷӣ ба соҳибкории инфиродӣ машғул мебошанд. |

| | | |
|---|---|---|
| 3.4.2. Муайян намудани меъёрҳо оид ба ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ | Санадҳои нави меъёрӣ бо мақсади ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳатмии забони давлатиро омӯхтани кормандони маҳаллӣ ва инчунин шаҳрвандони хориҷӣ, барои чунин соҳаҳои шуғл, ба монанди савдо ва хизматрасонӣ, тиб, педагогика ва дигар соҳаҳое, ки бо кор бо мизоҷон алоқаманданд, таҳия карда шудаанд.<br><br>Санади нави меъёрӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи дониши забони давлатӣ, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ ва мансабӣ зарур мебошад, тартиби гузаронидани арзёбии донишҳо таҳия гардидаанд ва сохторҳои масъул таъин карда шудаанд.<br><br>Талаботҳо нисбати сатҳи дониши забони давлатӣ барои касбҳо ва мансабҳо таҳия гардидаанд ва тартиби гузаронидани арзёбии донишҳо муқаррар карда шудааст.<br><br>Шабакаи гуногуншохаи курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забони давлатӣ, аз он ҷумла пулакӣ, барои шаҳрвандони хориҷӣ ва аҳолии Тоҷикистон, ки забони давлатиро дар сатҳи кофӣ намедонанд, инчунин арзёбии донишҳои забонии ба забони давлатӣ гирифташуда ташкил карда шудааст. | Фоизи фарогирии кормандони маҳаллӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ бо омӯзонидани забони давлатӣ дар сатҳҳои мухталиф.<br>То соли 2020 90 фоизи кормандони дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбуда забони давлатиро дар сатҳи лозимӣ меомӯзанд. |

| | | |
|---|---|---|
| | Меъёри ҳатмии ба забони давлатӣ тавзеҳот доштани тамоми молҳои истифодаи умумӣ ба Тоҷикистон воридшаванда ҷорӣ карда шудааст. | То охири соли 2012 100 фоизи молҳое, ки ба Тоҷикистон ворид карда мешаванд, ба забони давлатӣ бояд тавзеҳот дошта бошанд. |
| 3.5. Натиҷаҳои сиёсат. Накши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди бозори меҳнат баланд бардошта шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 3.5.1. Иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл дар сатҳи минтақавӣ таъмин карда шудааст | Ба қонунгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл ва ҳалли проблемаҳои шуғл дар сатҳи минтақавӣ тағйирот ворид карда шудаанд.<br><br>Маводҳои таълимӣ ва иттилоотӣ оид ба масъалаҳои иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди шуғл дар сатҳи минтақавӣ таҳия карда шудаанд.<br><br>Дар сатҳи маҳаллӣ барои таҳияи барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл кӯмаки методӣ расонида шудааст.<br><br>Дар заминаи Донишкадаи | Фоизи барномаҳои таҳиягардида ва тасдиқгардидаи мусоидат ба шуғл, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардидаанд. Ҳар сол тамоюли афзоиш ба мушоҳида мерасад ва то соли 2020 100 фоизро ташкил медиҳад. |

| | | |
|---|---|---|
| | идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳо оид ба омӯзонидани кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба масъалаҳои рушди бозори меҳнат ва иштирок дар ташаккулдиҳии сиёсати шуғл таъсис дода шудаанд. | Барои ташкил намудани омӯзонидани кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои рушди бозори меҳнат ва иштирок дар ташаккулдиҳии сиёсати шуғл ҳар сол аз буҷети давлатӣ 1 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад. То соли 2020-ум 2 корманд аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо бо таҳсил фаро гирифта мешаванд. |
| 4. Натиҷаҳои сиёсат. Шарикии иҷтимоӣ таҳким бахшида шудааст ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли проблемаҳои бозори меҳнат фаъолонатар иштирок мекунад. | | |
| 4.1. Натиҷаҳои сиёсат. Нақши шарикони иҷтимоӣ баланд бардошта шудааст ва ба муколамаи иҷтимоӣ дар бозори меҳнат таҳким бахшида шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 4.1.1. Таъмин намудани иҷрои созишномаҳои генералӣ | Принсипи баҳисобгирии ҳатмии фикру мулоҳизаҳои комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ҳангоми баррасии лоиҳаҳои қонунҳо ва барномаҳо аз ҷониби Ҳукумат ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Ҷаласаҳои комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар сатҳи миллӣ мунтазам доир карда мешаванд.<br><br>Дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти | Фоизи фикру мулоҳизаҳои баррасишуда ва аз Шарикони иҷтимоӣ оид ба лоиҳаҳои қонунҳо гирифташуда аз миқдори умумии қонунҳои қабулгардида.<br><br>Ҷаласаҳои комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар сатҳи миллӣ ба қадри зарурат ташкил карда мешаванд, вале на камтар аз як маротиба дар ним сол.<br><br>Дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2012 |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯъбаи (ё бахш) рушди шарикии иҷтимоӣ таъсис дода шудааст, ки функсияи котибот оид ба ташкили фаъолияти комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро иҷро мекунад, кор бо шарикони иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои касбӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро таъмин менамояд. | оғоз намуда, Шӯъбаи (ё бахш) рушди шарикии иҷтимоӣ иборат аз на камтар аз 3 нафар таъсис дода мешавад. |
| 4.1.2. Ҷорӣ намудани принсипи шарикии иҷтимоӣ оид ба ҳалли масъалаҳои шуғл | Кори Кумитаи ҷумҳуриявии сеҷонибаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ташкил карда шудааст, ҳайати он бо дарназарадошти талаботи иштироки баробари ҳамаи се тарафҳо таҷдиди назар карда шудааст.<br>Кори кумитаҳои мусоидат ба шуғл ва ҷорӣ намудани механизми ротатсияи раисон дар онҳо таҷдиди назар карда шудааст. | Фоизи барномаҳои таҳиягардида ва тасдиқгардидаи мусоидат ба шуғл, ки дар ҳамкорӣ бо Шарикони иҷтимоӣ дар минтақаҳо таҳия гардидаанд.<br>Ҳар сол тамоюли афзоиш ба мушоҳида мерасад ва то соли 2020 90 фоизро ташкил медиҳад. |
| 4.1.3. Тақвиятбахшии иқтидорҳои шарикони сеҷониба | Шарикони иҷтимоӣ сатҳи огоҳиашонро баланд бардоштаанд.<br><br>Шӯъбаи рушди шарикии иҷтимоӣ дар ҳайати ВММША мунтазам ба масъалаҳои ҳамоҳангсозии корҳо оид ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат машғул аст.<br>Омӯзонидан ва иттилоотонии доимии мақомоти назоратӣ ва ташкилотҳои шарикони иҷтимоӣ дар таъмини муколамаи иҷтимоӣ ташкил | Ҳар сол на камтар аз 5 фоиз намояндагони шарикони иҷтимоӣ омӯзонида мешаванд. |

| | | |
|---|---|---|
| | карда шудааст.<br>Сатҳи огоҳӣ ва омӯзонидани шарикони иҷтимоӣ оид ба шаклҳо ва афзалиятҳои муколамаи иҷтимоӣ, ташкили машваратҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ, иштироки кормандон дар шартномаҳои коллективӣ ва коммуникатсияҳо дар дохили корхона баланд бардошта шудааст.<br><br>Шарикони иҷтимоӣ имконият доранд бо афзалиятҳои ҷалб шудан ва иштироки коргарон – ҳамчун қадаме ба сӯи муносибатҳои меҳнатӣ шинос шаванд.<br><br>Шарикони иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои касбӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ иттилооти мухталифро оид ба масъалаҳои меҳнат таҳия намудаанд ва аз тариқи воситаҳои мухталиф паҳн мекунанд.<br>Марказҳои иттилоотии Шарикони иҷтимоӣ кор мекунанд.<br><br>Баҳисобгирии омории шартномаҳои коллективӣ ҷорӣ карда шудааст.<br>Муқаррарот оид ба шартномаҳои коллективӣ ҷорӣ карда шудааст.<br>Регистри баҳисобгирии шартномаҳои коллективӣ таъсис дода шудааст. | Фоизи баҳисобгирии шартномаҳои коллективӣ. То соли 2020 фоизи шартномаҳои коллективии ба ҳисоб гирифташуда на камтар аз 90 фоиз |

| | | |
|---|---|---|
| | | мешавад.<br><br>Барои таъсис додани Феҳристи баҳисобгирии шартномаҳои коллективӣ аз буҷети давлатӣ 10 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст. |
| 4.2. Натиҷаҳои сиёсат. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли проблемаҳои бозори меҳнат васеътар ҷалб карда шудааст. | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 4.2.1. Иттилоотонии аҳолӣ дар бораи вазъи бозори меҳнат ва чорабиниҳои амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ | ММША мунтазам аҳолиро дар бораи вазъи бозори меҳнат ва тадбирҳои андешидашаванда хабардор месозад.<br><br>Ҳар сол ҳисобот оид ба вазъ дар бозори меҳнати Тоҷикистон бо тафриқакунии ҳатмии гендерии нишондиҳандаҳо оид ба масъалаҳои бекорӣ ва омӯзонидан нашр карда мешаванд. | Фоизи фикру мулоҳизаҳо нисбати ҳисоботҳои интишорнамудаи ММША ва нисбати ҳисоботи ҳарсола оид ба вазъи бозори меҳнати Тоҷикистон. |

| | | |
|---|---|---|
| 4.2.2. Баланд бардоштани сатҳи ҳисоботдиҳии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар назди ҷомеа | Дар амалияи кори мақомоти ҳокимияти иҷроия принсипи ташкили иттилоотонии ҷомеа оид ба лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои нав, интишори ҳисоботҳои мақомоти давлатии сатҳҳои мухталиф дар назди ҷомеа оид ба кори анҷомдодашуда, оид ба сиёсати амалишаванда ва оид ба нақшаҳо дар оянда ҷорӣ карда шудааст.<br><br>Механизми ҷамъоварии афкори умум оид ба сиёсати дар бозори меҳнат амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ. | Миқдори лоиҳаи ҳуҷҷатҳое, ки аз расмиёти муҳокимаи ҷамъиятӣ гузаштаанд.<br><br>Миқдори афзояндаи пешниҳодҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа. |
| Натиҷаҳои Мониторинг. Арзёбии татбиқи Стратегия | | |
| Натиҷаҳои амалҳо | | Нишондиҳандаҳои самаранокӣ |
| 1. Ҳамоҳангсозӣ, назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия | Шӯрои Роҳбарикунанда барои таъмини назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳо таъсис дода шудааст.<br><br>Гурӯҳи кории машваратӣ барои омодасозии маводҳо оид ба ҷараёни иҷрои Стратегия, омодасозии пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйирот ё иловаҳо ба Стратегия, омодасозии дархост барои маблағҳои буҷети давлатӣ, омодасозии ҳисоботи иттилоотӣ барои баррасӣ дар Ҳукумат таъсис дода шудааст. | Шӯрои Роҳбарикунанда соле на камтар аз ду маротиба ҷамъ мешавад.<br><br>Гурӯҳи кории машваратӣ соле на камтар аз ду маротиба ҷамъ мешавад. |
| 2. Ташкил намудани ҷамъоварии | Вазорату идораҳои масъул ба ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ намудан ва назорати иҷрои Стратегия - (Вазири | Вазорату идораҳои масъул ҳар сол ба ҳамоҳангсози татбиқи Стратегия ва назорати татбиқи он (Вазири меҳнат, |

| | | |
|---|---|---|
| маълумотҳо | меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ) дар бораи чараёни ичрои Стратегия иттилоот пешниҳод мекунанд. | муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ) дар бораи чараёни ичрои Стратегия иттилоот пешниҳод мекунанд. |
| 3. Таҳия намудани ҳисоботҳо оид ба ичрои Стратегия | Гурўҳи кории машваратӣ омодасозии ҳисоботи фосилавии ичрои Стратегияро баъди 5 соли татбиқи Стратегия (баъди соли 2015) ташкил менамояд.<br>Гурўҳи кории машваратӣ омодасозии ҳисоботи хотимавии ичрои Стратегияро баъди татбиқи Стратегия дар охири соли 2020 бояд ташкил намояд.<br>Ду тадқиқот барои арзёбии ичрои Стратегия ва омодасозии ҳисоботи фосилавӣ ва ҳисоботи хотимавӣ ташкил карда шудаанд. | Барои ташкили тадқиқот, арзёбии ичрои Стратегия ва омодасозии ҳисоботҳои фосилавӣ ва хотимавӣ дар Бучети давлатӣ дар соли 2015 чудо намудани 30 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2020 – 50 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта мешавад.<br>Барои мониторинги Стратегия чудо намудани 80 ҳазор сомонӣ зарур мебошад. |

Замимаи 3
ба Стратегияи давлатии рущди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

# НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОНИТОРИНГ
# БАРОИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ТО СОЛИ 2020

## (ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶТ АЗ 27.04.2015 № 238 )

| № ва номи нишондиҳанда | Шарҳи нишондиҳанда | Алоқамандии нишондиҳанда бо самти амали сиёсат |
|---|---|---|
| 1. Миқдори қиёсии корҷӯён | Миқдори қиёсии корҷӯён нисбати шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда) | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 2. Сатҳи шуғл | Миқдори қиёсии шуғлдоштагон аз шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат (15-64-сола)<br>Сатҳи умумии шуғл (дар гурӯҳи синнусолии 15-64 сола) бо тақсимот аз рӯи ҷинс ва шумораи қиёсии занони шуғлдошта | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 3. Сатҳи шуғл ҳамчун эквиваленти вақти кории пурра | Миқдори умумии соатҳои кории коркарда, ки ба миқдори миёнаи соатҳои коркардаи як корманде, ки вақти кории пурра кор мекунад, тақсим карда шудааст – миқдори қиёсӣ дар гурӯҳи синнусолии 15-64-сола | Мақсадҳои умумии Стратегия |
| 4. Тағйирёбии шумораи шуғлдоштагон | Тағйирёбии шумораи аҳолии шуғлдошта дар тӯли сол дар маҷмӯъ ва дар соҳаҳои иқтисод | Мақсадҳои умумии Стратегия |

| | | |
|---|---|---|
| 5. Сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ | Шумораи қиёсии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (гурӯҳи синнусолии 15-64-сола) дар шумораи умумии аҳолии гурӯҳи синну соли дахлдор | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 6. Шумораи муҳоҷироне, ки зиёда аз як сол дар хориҷа кор мекунанд | Тағйирёбии шумораи муҳоҷироне, ки зиёда аз як сол дар хориҷа кор мекунанд, дар шумораи умумии аҳолии гурӯҳи синнусолии 15-64-сола, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 7. Миқдори қиёсии бекорони дарозмӯҳлат (зиёда аз 1 сол) | Миқдори қиёсии бекорони дарозмӯҳлат (12 моҳ ва зиёда аз он кор меҷӯянд) дар шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда) | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 8. Сатҳи фаъолгардии бекорони дарозмӯҳлат (зиёда аз 1 сол) | Шумораи бекорони дарозмӯҳлати ба қайд гирифташудае, ки дар чорабиниҳои фаъоли шуғл иштирок кардаанд, мутаносибан нисбати шумораи одамони шуғлнадошта, ҷамъи шумораи бекорони дарозмӯҳлати ба қайд гирифташуда (шумораи миёнаи солона), ки аз рӯи намудҳои чорабиниҳои фаъоли шуғл ва ҷинс тақсим карда шудаанд. | Мақсадҳои умумии Стратегия. Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 9. Шумораи қиёсии бекороне, ки дар чорабиниҳои фаъоли шуғл давраи муайяни вақт иштирок накардаанд | Як қисми ҷавонон/калонсолони шуғлнадоштае, ки дар моҳи X бекор шудаанд ва то ба ҳол дар моҳи X+6/12 шуғл надоранд, ва ба онҳо дар доираи чорабиниҳои фаъоли шуғл имкониятҳои нав пешниҳод карда нашудаанд (тарбия ва бозомӯзонии касбӣ, мусоидат дар фаъолияти инфиродӣ, дастгирии фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёнаи соҳибкорӣ). | Мақсадҳои умумии Стратегия |
| 10. Хароҷоти Буҷети давлатӣ барои маблағгузории | Хароҷоти Буҷети давлатӣ барои маблағгузории татбиқи сиёсати бозори меҳнат (чорабиниҳои фаъол ва ғайрифаъол) бо фоиз аз ММД | 1.1.2. |

| | | |
|---|---|---|
| татбиқи сиёсати бозори меҳнат | | |
| 11. Афзоиши солонаи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ | Афзоиши солонаи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар муқоиса бо соли пеш | 1.1.4. |
| 12. Таъсиси корхонаҳои нав | Шумораи қиёсии корхонаҳои нави таъсисдодашуда бо фоиз аз шумораи умумии корхонаҳои фаъол | 1.2.1. |
| 13. Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ | Фоизи соҳибкорон ва корфармоёне, ки ҳангоми пардохти андозҳо ва пешниҳод кардани ҳисоботҳои оморӣ аз хизматрасониҳои электронӣ истифода мекунанд, аз шумораи умумии соҳибкорон ва корфармоён дар соли ҷорӣ | 1.2.1. |
| 14. Афзоиши шумораи пардохткунандагони пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ | Афзоиши шумораи пардохткунандагони пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар муқоиса бо соли пеш | 1.2.3. |
| 15. Ҳаҷми қиёсии маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоие, ки барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба бекорӣ равона карда шудаанд. | Ҳаҷми қиёсии маблағҳои буҷети суғуртаи иҷтимоие, ки барои маблағгузории чорабиниҳо оид ба бекорӣ равона карда шудаанд. | 1.2.3. |
| 16. Андозаи қиёсии музди меҳнати ҳадди ақал дар музди меҳнати миёнаи моҳона | Андозаи қиёсии музди меҳнати ҳадди ақал дар музди меҳнати миёнаи моҳона | 2.1.1. |
| 17. Шумораи қиёсии гирандагони музди меҳнати ҳадди ақал | Шумораи қиёсии гирандагони музди меҳнати ҳадди ақал аз шумораи умумии коргарон | 2.1.1. |
| 18. Таносуби музди | Таносуби музди меҳнати миёнаи моҳонаи мардон | 2.1.1. |

| | | |
|---|---|---|
| меҳнати мардон ва занон | ва занон дар соҳаҳои иқтисод | Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 19. Иштироки калонсолон дар таҳсил дар тӯли тамоми ҳаёт | Шумораи қиёсии калонсолоне (дар гурӯҳи синнусолии 25-64-сола), ки дар соли ҷорӣ таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ гирифтаанд, аз шумораи умумии гурӯҳии синнусолии 25-64-сола | 2.2.1. |
| 20. Афзоиши шумораи шахсоне, ки таҳсилоти касбӣ гирифтаанд | Афзоиши шумораи шахсоне (аз ҷумла заноне), ки таҳсилоти касбӣ (олӣ, миёна ва ибтидоӣ) гирифтаанд, дар муқоиса бо соли пеш. | 2.2.2. |
| 21. Шумораи қиёсии таълимгоҳҳои хусусӣ | Шумораи қиёсии таълимгоҳҳои хусусӣ нисбати шумораи умумии муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла аз рӯи шаклҳои таҳсил | 2.2.2. |
| 22. Гузариш аз таҳсил ба меҳнат | Шумораи қиёсии донишомӯзоне, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро хатм кардаанд, нисбати шумораи умумии бекорон. | 2.2.4. |
| 23. Шумораи қиёсии донишҷӯёне, ки дар корхонаҳои корфармоён таҷрибаомӯзӣ мекунанд, нисбати шумораи умумии донишомӯзон. | Шумораи қиёсии донишомӯзоне, ки дар корхонаҳои корфармоён ҳар сол таҷрибаомӯзӣ мекунанд, нисбати шумораи умумии донишомӯзон (аз ҷумла алоҳида аз рӯи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ). | 2.2.4. |
| 24. Истифодаи компютерҳои шахсӣ (инфиродӣ) | Шумораи қиёсии қувваи корие, ки дар хона ва/ё дар ҷойи кор барои эҳтиёҷоти корӣ компютерҳои шахсӣ истифода мекунанд, нисбати шумораи умумии қувваи корӣ. | 2.3.1 |
| 25. Гуногуншаклии шартномаҳо ва созишномаҳои меҳнатӣ | Шумораи қиёсии миқдори умумии кормандоне, ки аз рӯи вақти кории давомнокиаш ихтисоршуда кор мекунанд ва/ё ба мӯҳлати номуайян қарордоди меҳнатӣ доранд (аз ҷумла барои иҷрои корҳои мавсимӣ), ҷамъи шахсони худиштиғол, | 2.3.2. |

| | | |
|---|---|---|
| | нисбати шумораи умумии кормандон. | |
| 26. Миқдори созишномаҳои генералии таҳияшуда ва қабулгардида | Фоизи созишномаҳои генералии таҳияшуда ва қабулгардида дар сатҳи соҳавӣ дар миқдори соҳаҳо | 2.3.2. |
| 27. Миқдори шартномаҳои коллективии таҳияшуда ва қабулгардида | Фоизи шартномаҳои коллективии таҳияшуда ва қабулгардида нисбати шумораи умумии корхонаҳо | 2.3.2. |
| 28. Вақти корӣ | Миқдори соатҳои дар ҳафтаи пурраи корӣ коркардае, ки ба шумораи умумии коргарони вақти кории пурра коркарда тақсим карда шудааст. | 2.3.2 |
| 29. Соатҳои кории зиёда аз вақти муқаррарӣ | Шумораи қиёсии коргарони миқдори соатҳои коркардаи вақти кориашон аз миқдори муқарраррии соатҳои коркарда зиёд мебошад, барои он, ки соатҳои изофа аз меъёр кардаанд, нисбати миқдори умумии коргарон, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда. | 2.3.2<br><br>Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 30. Ҳаҷми бахши ғайрирасмӣ | Шумораи қиёсии коргарони дар бахши ғайрирасмӣ коркунанда бо фоиз аз шумораи умумии коргарон | 2.4.1. |
| 31. Шумораи ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ | Шумораи қиёсии ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ оид ба муносибатҳои меҳнатӣ дар миқдори умумии ҳолатҳои вайронкунии қонунгузории меҳнат. | 2.4.1. |
| 32. Афзоиши даромадҳои андозӣ | Афзоиши даромадҳои андозӣ баъди ошкор кардани ҳолатҳои шуғли ба қайд гирифтанашуда | 2.4.1. |
| 33. Афзоиши шумораи шахсон аз | Афзоиши шумораи шахсон аз ҷумлаи шахсони осебпазир, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб | 2.5.1. |

| | | |
|---|---|---|
| ҷумлаи шахсони осебпазир, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб гардидаанд | гардидаанд, аз рӯи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар муқоиса бо соли пеш. | |
| 34. Шумораи шахсоне, ки таҳсилоти пасттар аз таҳсилоти миёна доранд, ва таҳсилро идома намедиҳад. | Шумораи қиёсии шахсони синни 18-24-солае, ки таҳсилоти миёнаи асосӣ ё пасттар доранд, ва таҳсилро идома намедиҳанд, нисбати шумораи умумии аҳолии гурӯҳи синнусолии мазкур (18-24-сола), аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда. | 2.5.1.<br><br>Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 35. Сатҳи бекорӣ вобаста ба таҳсилоти мавҷубуда | Сатҳи бекорӣ вобаста ба таҳсилоти мавҷудбуда (ибтидоӣ, миёнаи умумӣ, олӣ) | 2.5.1. |
| 36. Шумораи шахсоне, ки таҳсилоти пасттар аз таҳсилоти миёна доранд, ва таҳсилро идома намедиҳад. | Шумораи қиёсии шахсони синни 18-24-солае, ки таҳсилоти миёнаи асосӣ ё пасттар доранд, ва таҳсилро идома намедиҳад, нисбати шумораи умумии аҳолии гурӯҳи синнусолии мазкур (18-24-сола), аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимкардашуда. | 2.5.1.<br><br>Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 37. Шумораи ҷойҳои корӣ барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ | Шумораи ҷойҳои кории нави дар соли ҷорӣ барои табақаҳои осебпазири аҳолӣ таъсисдодашуда | 2.5.2. |
| 38. Фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ | Фарогирии кӯдакони синни 1-6-сола бо муассисаҳои томактабӣ бо фоиз нисбати шумораи умумии кӯдакони 1-6-сола. | 2.5.3. |
| 39. Фарогирии кӯдакони маъюб бо ҷойҳо дар марказҳои офиятбахшӣ | Фарогирии кӯдакони маъюб (1-18-сола) бо ҷойҳо дар марказҳои офиятбахшӣ бо фоиз нисбати шумораи кӯдакони маъюб (1-18-сола) | 2.5.3. |
| 40. Агентиҳои хусусии шуғл | Шумораи агентиҳои хусусии шуғл | 3.1.1. |
| 41. Шумораи шахсони | Ќисми ҷавонон/калонсолони ба кор | |

| | | |
|---|---|---|
| бе натиҷаҳои мусбӣ баъди мусоидати ММША дар расонидани кӯмак дар ҷустуҷӯи кор | машғулнабудае, ки дар моҳи X бекор мондаанд ва то ба ҳол дар моҳи X+6/12 ба кор машғул нестанд, ва баъди мусоидати ММША дар расонидани кӯмак дар ҷустуҷӯи кор ба натиҷаҳои мусбӣ ноил нагардидаанд.<br>(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) | 3.1.2. |
| 42. Сатҳи ҳамгироии бекорон дар бозори меҳнат | Миқдори қиёсии иштироккунандагоне, ки чораҳои фаъоли шуғл гирифтаанд ва дар бозори меҳнат ҳамгирой шудаанд (дар тӯли 3-6 моҳи баъди иштирок дар чорабиниҳо) нисбати шумораи умумии иштироккунандагоне, ки чораҳои фаъоли шуғл гирифтаанд, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимшуда. | 3.1.2.<br>Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 43. Шумораи қиёсии бекороне, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб карда шудаанд | Шумораи қиёсии бекороне, ки ба чорабиниҳои фаъоли шуғл ҷалб карда шудаанд, нисбати шумораи умумии бекорон, аз ҷумла аз рӯи ҷинс тақсимшуда. | 3.1.2.<br>Ҷанбаҳои гендерӣ |
| 44. Ҷойҳои кории озод (холӣ) барои як бекор | Ҷараёни инкишофи ҷойҳои кории озод ба як бекор аз рӯи солҳо. | 3.1.2 |
| 45. Шумораи бекороне, ки тибқи дархостҳои корфармоён тайёр ва бо кор таъмин карда шудаанд. | Шумораи қиёсии бекороне, ки тибқи дархостҳои корфармоён тарбия ва бо кор таъмин карда шудаанд, нисбати шумораи умумии бекорон. | 3.2.1. |
| 46. Тамоюлҳои ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор (аз ҷумла ҳалокшудагон) | Зудии рӯйдиҳии ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор, ки миқдори ҳодисаҳои нохушро дар ҷойи кор ба 100 000 корманд муайян мекунад. | 3.3.1. |
| 47. Тамоюлҳои бемориҳои касбӣ | Тамоюлҳои бемориҳои касбӣ | 3.3.1. |
| 48. Шумораи корхонаҳои | Шумораи қиёсии корхонаҳои тадқиқотшуда, аз ҷумла дорои хавфи зиёд нисбати шумораи | |

| | | |
|---|---|---|
| тадқиқотшуда | умумии корхонаҳо. | 3.3.2. |
| 49. Ҳолати риояи талаботҳои санадҳои меъёрӣ дар корхонаҳо беҳтар гардидааст. | Фоизи кормандон дар корхонаҳое, ки амалан дар бораи омилҳои вуҷуддоштаи хавф дар муҳити меҳнатӣ ва усулҳои боэътимод ва ҳимоятии кор иттилоотонида шудаанд ва ба онҳо дастурҳо дода шудаанд. | 3.3.2. |
| 50. Шумораи муҳоҷирони хориҷии коркунанда | Шумораи қиёсии муҳоҷирони хориҷии коркунанда, аз ҷумла тибқи иҷозатномаҳои меҳнатии додашуда ва квотаҳои муқаррааргардида нисбати шумораи умумии шуғлдоштагон. | 3.4.1. |
| 51. Шумораи барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл | Фоизи барномаҳои таҳиягардида ва тасдиқгардидаи мусоидат ба шуғл, ки дар ҳамкорӣ бо Шарикони иҷтимоӣ дар минтақаҳо таҳия гардидаанд. | 3.5.1. |
| 52. Баланд бардоштани нақши Шарикии иҷтимоӣ | Фоизи фикру мулоҳизаҳои баррасишуда ва аз Шарикони иҷтимоӣ оид ба лоиҳаҳои қонунҳо гирифташуда аз миқдори умумии қонунҳои қабулгардида. | 4.1.1. |